آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

16 октябри соли 2024 Чоршанбе № 83 (15094)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ВИЛОЯТИ ТОШКАНД БО РОҲИ ТАРАҚҚИЁТ, ҲАМҚАДАМ БО ЗАМОН ПЕШ МЕРАВАД

Президент Шавкат Мирзиёев 15 октябр аз шаҳри Олмалиқи вилояти Тошканд дидан кард.





Асос ва қувваи пешбарандаи ин шаҳр Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ мебошад. Ба шарофати ин комплекс иқтисодиёт пеш меравад, дар шаҳр ҷойҳои кор, манзил, муассисаҳои фарҳангӣ ва таълим ба вуҷуд оварда мешаванд.

Имрӯз бояд афзоиши муттасилро таъмин намуда, ҳамқадами замон шуд. Сарвари давлат вазифа мегузорад, ки ҳар як соҳа дар асоси илмӣ инкишоф дода шавад.

Мувофиқи ҳамин дар шаҳри Олмалиқ тайёр кардани кадрҳо ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар шаҳр филиалҳои Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд ва Донишкадаи пӯлод ва хӯлаҳои Москва кушода шуданд. Ба қарибӣ ғайр аз онҳо мактаби муҳандисии Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ ташкил карда шуд.

Президент наҳуст бо фаъолияти ин мактаб шинос шуд.

Дар ин ҷо дар асоси таҷрибаи немисҳо ҳар сол 480 нафар муҳандисон тайёр карда шуда, ҳазорҳо нафар коргарон ихтисоси ҳудро такмил медиҳанд. Раванди таълим бо иштироки профессорону омӯзгорони хориҷӣ сурат мегирад.

Барномаи таълимӣ дар асоси усулҳои пешрафтаи таълимии Академияи маъданҳои кӯҳии Фрайберги Олмон, ширкатҳои «GP Gunter Papenburg AG» ва «Aurubis AG» таҳия шудааст. Мувофиқи ин мактаб аз рӯйи чунин самтҳо, аз қабили механика, металлургия, автоматикунонии истеҳсолот, ғанӣ гардондани канданиҳои фоиданок, энергетика бо таҷҳизоти замонавии таълимию амалӣ ҷиҳозонида шудааст.

Сарвари давлат аз ин утоқҳо дидан карда, бо ҷавононе, ки дар ин ҷо таҳсил мегиранд, суҳбат намуд.

– Замона дигар мешавад, ба ҳар соҳа инноватсияҳо ворид мешаванд. Барои мутахассиси соҳибихтисос шудан, шумо бояд доимо дар болои худ кор кунед. Оянди корхона дар рақамикунонӣ аст. Ҳар як шуъба, ҳар як марҳилаи истеҳсолот рақамӣ кунонда шавад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ фабрикаи сеюми ғанигардонии мис сохта мешавад. Мутахассисон ба он аз ҳоло тайёр карда мешаванд.

Дар муддати кутоҳ дар ин ҷо зиёда аз 100 нафар ҷавонон таҳсил карда, аллакай дар корхонаҳои соҳа ба кор даромаданд.

Президент зарурати боз ҳам баланд бардоштани самаранокии кори мактабро таъкид кард. Барои ин машғулиятҳо бояд мунтазам гузаронда шаванд ва аз ҳама муҳимаш бо амалия зич алоқаманд бошанд.

20 июни соли ҷорӣ оид ба масъалаҳои тайёркунии кадрҳо дар соҳаи муҳандисӣ ва минбаъд тамил додани фаъолияти муассисаҳои таълими олӣ ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид. Ҳамон вақт дар марҳилаи аввал таъсис додани 10 мактаби олии муҳандисӣ ба нақша гирифта шуд. Бо мақсади мустаҳкам намудани занҷири «саноат - корхона - мактаби олӣ» барои ҳар кадоми онҳо шарики саноатӣ муайян карда мешавад.

Мактабҳои муҳандисӣ дар ҳайати муассисаҳои таълими олӣ аз рӯйи самтҳои пешқадам ташкил карда мешаванд. Дар онҳо математика, физика, химия, графикаи муҳандисӣ, информатика ва забонҳои хориҷӣ амиқ омӯзонда мешавад. Бакалаврият ва магистратура аз рӯи схемаи «4+1» ташкил карда мешавад. Барои тайёр кардани кадрҳои мақсаднок ба шарикони саноат донишҷӯён аз курси дуюм аз рӯйи ихтисос интихоб карда мешаванд.

Профессору омӯзгорони ин мактабҳо аз ҳисоби Бунёди «Эл-юрт умиди», шарики дахлдор ва донишгоҳ барои такмили ихтисос ба муассисаҳои пешбари хориҷӣ фиристода мешаванд. Шарикони истеҳсолӣ бо назардошти рушди соҳа лабораторияҳои ҳозиразамон бунёд мекунанд.

Сипас Президент Шавкат Мирзиёев бо рафти азхудкунии кони «Ёшлик-1» дар Олмалиқ ва фабрикаи сеюми ғанигардонии мис, ки дар пойгоҳи он сохта мешавад, дидан кард.

Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ дар истихроҷи маъданҳои ранга, нодир ва қиматбаҳо пешсаф аст. Ба ҳиссаи он панҷ фоизи маҳсулоти умумии саноатии кишвар ва 6 фоизи содироти маҳсулоти саноатӣ рост меояд. Дар низоми комбинат қариб 35 ҳазор нафар кор мекунанд.

Соли гузашта 148 ҳазор тонна мис, 17 тонна тилло, 162 тонна нуқра истеҳсол карда шуд. Сармоя ба миқдори 1 миллиарду 100 миллион доллар азхуд гардида, ба маблағи 662 миллион доллар маҳсулот ба хориҷ содир карда шуд.

Солҳои охир дар натиҷаи зиёд шудани ҳаҷми корҳои иктишофи геологӣ ва сармояҳо имкониятҳои нави истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд. Яке аз онҳо кони «Ёшлик-1» мебошад. Мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1 марти соли 2017 дар ин ҷо лоиҳаи пешомадноки сармоягузорӣ татбиқ мегардад.

Майдони кон 11 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Захираҳои он низ назаррас аст – соле 65 миллион тонна маъдан. Дар ин кон 13 намуди маъданҳои қиматбаҳо ва нодир, аз қабили тилло, мис, нуқра, молибден, селен мавҷуд аст.

Сарвари давлат ба кон ташриф оварда, бо корҳо оид ба истихроҷи канданиҳои фоиданок шинос шуд ва бо мутахассисон суҳбат кард.

Барои истеҳсоли маҳсулоти пурқимат аз кони «Ёшлик-1» фабрикаи сеюми ғанигардонии миси Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ сохта мешавад. Гузоштани таҳқурсӣ 29 июли соли 2021 баргузор шуд.

Арзиши ин лоиҳаи бузург 4,6 миллиард долларро ташкил дода, коркарди кон, сохтмони фабрика ва инфрасохтори онро фаро мегирад. Ҳоло 200 миллион метри мукааб сатҳи кон кушода, 41 километр роҳи оҳан хобонда, стансияи ёрирасони иқтидораш 650 мегаватт насб карда шудааст. Таҷҳизот аз ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Туркия, Чин, Русия ва дигар кишварҳо оварда шудааст. Сохтмони фабрика ва инфраохтори дигар бо суръати тез давом дорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

БА ИШТИРОКДОРОНИ АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИЛМӢ-АМАЛИИ «ИСЛОМ — ДИНИ НЕКӢ ВА СУЛҲ»

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Дӯстони азиз!

Шуморо бо ифтитоҳи анҷумани байналхалқии «Ислом – дини некӣ ва сулҳ», ки дар шаҳрҳои мо – пойтахт Тошканд ва Хиваи қадим баргузор мегардад, самимона табрик мегӯям.

Меҳмонони азиз аз мамлакатҳои хориҷии дуру наздик – роҳбарони ташкилотҳои байналхалқии исломии бонуфуз, олимон ва уламои маъруф, арбобони ҷамъиятӣ ва муҳаққиқон – мо дар шахси шумо сафирони сулҳ, дӯстӣ ва мусолиҳаро мебинем.

Мо хуб медонем ва фаъолияти баланди шуморо олӣ арзёбӣ мекунем, ки ба ифшои моҳияти инсонпарварии дини муқаддаси ислом, омӯзиш ва васеъ оммавӣ гардондани мероси мутафаккирони бузурги ислом, ки ба рушди илм ва тамаддуни ҷаҳон саҳми бузург гузоштаанд, нигаронда шудаанд.

Аз номи халқамон ва шахсан аз номи худ ба шумо барои кори шарафнокатон миннатдории амиқ изҳор менамоям.

Ба Ӯзбекистони меҳмондӯст хуш омадед!

Дӯстони азиз!

Тавре ки маълум аст, баргузор намудани анҷумани мазкур аз ҷониби Ӯзбекистон дар сессияи 78-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид 19 сентябри соли 2023 дар Ню-Йорк пешбарӣ гардида буд.

Мо хушҳолем, ки ин ташаббуси некро ҷомеаи байналхалқӣ ва мисли шумо, шахсиятҳои бомаърифат ва мутафаккир дастгирӣ намудед.

Анҷумани мо, албатта, беҳуда «Ислом – дини некӣ ва сулҳ» номида нашуд. Ба ҳама хуб маълум аст, ки ислом ин таълимоти олӣ, чун дини сулҳ ва рафтори нек ба инсоният нозил гаштааст. Ҳамин тариқ дар ояти 208-уми сураи «Ал-бақара»-и Қуръони муқаддас ҳидояте ҳаст: **«Эй, ононе, ки имон овардед, ба куллӣ ба кори сулҳ пардозед!»**

Дар ҳадиси маъруф, ки онро ҳамдиёри бузургамон Имом Тирмизӣ овардааст, гуфта мешавад: **«Аз Оллоҳ мағфират ва сулҳро бипурсед. Чаро, ки ба ҳеч кас пас аз эътиқод мисли сулҳ чизи олие эҳдо нагаштааст»**, ки бо ҳамин аҳамияти беназири сулҳ ва субот дар ҳаёти инсоният махсус таъкид мегардад.

Имрӯз дар Ӯзбекистони Нав ислоҳоти доманфарох пиёда мегардад, ки ба ҳифзи эҳтиёткорона, омӯзиши илмӣ, то ба маълумоти ҳамватанонамон ва ҷамъияти ҷаҳон расондани арзишҳои олии ислом, мероси олимон ва уламои маъруфи ҷаҳон ба амал татбиқ мегардад.

Дар ҳафт соли охир дар мамлакати мо ба вуҷуд овардани марказҳои байналхалқии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотуридӣ, ташкили фаъолияти Маркази нодири тамаддуни исломӣ мисоли равшани ин мебошад.

Ғайр аз ин асарҳои барои ҷаҳони ислом беназири Имом Бухорӣ «Саҳеҳи Бухорӣ», «Таърих», «Халқу афъол ал-ибод», Имом Тирмизӣ – «Сунани Тирмизӣ», Имом Мотуридӣ – «Таъвилот ал-Қуръон», «Тавҳид», Абумуъин Насафӣ – «Табсиратул адилла», Бурҳониддини Марғинонӣ – «Ҳидоя» ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудаанд, ба онҳо тафсираҳои муосир омода гардида, ин корҳо муттасил идома доранд.

Ҳамаи мо гувоҳи он ҳастем, ки дар солҳои охир дар баробари ҷанбаҳои мусбии ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳон тамоилҳои манфӣ, аз он ҷумла зуҳури исломҳаросие, ки ба тафаккур, тарзи ҳаёт, маданият, анъанот ва арзишҳои ҷамоатҳои исломӣ таъсир доранд, ба мушоҳида мерасанд.

Бинобар ин, бешубҳа, дар анҷумани мо муҳокима намудани чунин мавзӯъҳои муҳим, чун мустаҳкам намудани сулҳ ва осудагӣ дар Замин, ҳифзи арзишҳои аслии исломӣ, рушди дини ислом дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ҳамоҳангӣ бо динҳои муосир, бартарафсозии таҳдидҳои гуногун ба тозагии маънавӣ ва ахлоқӣ, ҳимояи иҷтимоӣ дар ислом аҳамияти бузург хоҳад дошт.

Бовар дорам, ки мубоҳисаҳои ошкоро дар ҷараёни анҷуман, ки ғоя ва ташаббусҳоро пешниҳод мекунанд, дар ифшо ва оммавӣ гардондани моҳияти аслии дини муқаддаси ислом, ғояҳои неки он, ки ба некӣ ва сулҳ хидмат менамоянд, иқдоми муҳим мегарданд.

Дар чорчӯбаи анҷумани байналхалқӣ шумо бевосита бо шароитҳое, ки дар мамлакатамон барои аҳли ислом фароҳам оварда шудааст, корҳои ҷорӣ дар бобати таъмини озодии виҷдон, арҷгузорӣ ба хотираи ниёгони бузург, тадқиқот ва оммавӣ гардондани мероси илмиву ирфонии онҳо, дастхатҳои нодир шинос мегардед ва умед дорам, ки пешниҳодоти нав ва тавсияҳоро оид ба инкишофи минбаъдаи ҳамкории мо дар ин самт арза медоред.

Бори дигар шуморо бо ифтитоҳи анҷумани бонуфузи имрӯз табрик менамоям, аз Офаридгор барои ҳамаи шумо сиҳатии мустаҳкам ва дар фаъолияти илмӣ ва эҷодиатон тавфиқ мехоҳам.

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

27 ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ДЕПУТАТҲОИ ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ

ИНТИХОБОТ 2024 27 ОКТЯБР ИНТИХОБИ МАН-ВАТАНИ ОБОДАМ

Матолиби мазкур дар доираи майдони бепули чопӣ, ки барои ташвиқоти пешазинтихоботии Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либераливу демократии Ӯзбекистон ва Ҳизби демократии «Миллий тикланиш»-и Ӯзбекистон ҷудо шудааст, нашр мешаванд.

(Матолиби мазкурро аз саҳифаҳои 2 ва 3 мутолиа кунед).

ЗИЁРАТГОҲ ОБОД МЕШАВАД

Дар маҷмааи зиёратгоҳи пири тариқати нақшбандия – Маҳдуми Аъзами Косонӣ, ки дар ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон воқеъ аст, боз як зиёратгоҳ – мақбараи мутафаккир ҷой гирифтааст.

Ибтидои солҳои 2000-ум бо ташаббуси ҳокими ҳамонвақтаи вилоят Икромхон Наҷмиддинов дар болои қабри Мавлоно Сайид Ҷалолуддин мақбара бунёд шуда, гирду атрофи он обод гардида буд.

Бо гузашти вақт мақбара дар зери таъсири боду ҳаво ба ҳолати ногувор афтод. Бинобар хулосаи комиссияи махсуси ҳокимияти вилоят мақбараро барои аз нав бунёд кардан қарор ва маблағи зарурӣ ҷудо гардид.

Чанде пеш ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов бо мақсади аз наздик шинос шудан бо рафти корҳои бунёдкорӣ ба зиёратгоҳ омад. Ҳангоми шиносшавӣ дар зиёратгоҳи нав бо бинокорон мулоқот ороста, оиди мушкилоту масъалаҳои дарпешистода фикру мулоҳиза ва таклифу тавсияҳои худро баён намуд.

Дар оянда маҷмааи нав ба яке аз зиёратгоҳҳои ҷолиби диққати сайёҳон табдил хоҳад ёфт.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

ПОЯҲОИ ЛИБЕРАЛИИ БА НАВИГАРӢ АСОСНОКШУДА – ТАКЯГОҲИ ТАРАҚҚИЁТ

Дар Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби либераливу демократии Ӯзбекистон барои таъмин сохтани пешрафти муттасили мамлакат ва фаровонҳолии халқ, бунёд кардани давлати одилу замонавӣ, фароҳам овардани муҳити мусоид барои аҳолӣ, дар сиёсати хориҷӣ пурзӯр кардани дипломатияи иқтисодӣ ба сифати самтҳои муҳим муайян карда шудаанд. Агар низоми идораи одилона ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон хидмат кунад, муҳити хуб барои беҳтар гардидани ҳаёти онҳо муҳим мебошад. Ғайр аз ин аз тариқи пурзӯр кардани дипломатияи иқтисодӣ обрӯйи Ӯзбекистон дар арсаи байналхалқӣ мустаҳкам мегардад, ҳамчунин барои рушди давлат имкониятҳои нав ба миён меоянд. Ҳизб баробари эътироф намудани робитаи тарафайни ин самтҳо ба халқ хидмат карданро вазифаи устувор медонад ва ба пойдории мамлакат, ҳамчунин комёбиҳои он дар соҳати байналхалқӣ аҳамияти зиёд медиҳад.



Давлати одил ва замонавиеро, ки ба халқ хидмат хоҳад кард, бунёд менамоем

Такмил додани низоми идораи давлат ва ҷамъият, ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ, устувории қонун ва таъмин сохтани суди одил, қатъиян идома додани ислоҳоте, ки бобати ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон татбиқ мегарданд, тақозои замон ба шумор меравад.

Пеш аз ҳама, таъмин сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бояд ба самти асоситарин фаъолияти тамомии мақомоти давлатӣ табдил ёбад, ба ин тамоюл қатъиян амал кардан **вазифаи асосии мо** хоҳад шуд.

Мо барои таъмин сохтани шаффофияти харочоти ташкилоти бучавй ҷонибдори пурзӯр кардани ҳисоботдиҳии мақомоти иҷроия дар назди парлумон ва Шӯроҳои маҳаллӣ мебошем. Мо низомеро, ки **ба овози воқеӣ бадал гардидани Шӯроҳои маҳаллӣ ва ҳисоботдиҳии ҳокимонро дар назди Шӯро** таъмин мекунад, масъулият ва ҷавобгарии онҳоро меафзояд, мустаҳкам мекунем.

Ҳизби мо дар панҷсолаи минбаъда дар пояи таҳлили қонунмандӣ, истифодаи амалиёти ҳуқуқ, ҳамчунин дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ такмил додани **қонунгузории оид ба созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ**, барои фаровонҳолии аҳолиро таъмин сохтан ба «**пул**»-и байни ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва мақомоти давлатӣ табдил додани маҳалла эътибори махсус медиҳад. Ғайр аз ин мо ба мақсади беш аз пеш беҳтар намудани ҳаёти аҳолӣ масъалаҳои **3 баробар** зиёд кардани маблағҳоеро, ки ба **«Бучаи ташаббуснок»** ҷудо карда мешаванд, пеш мегузорем.

Мо мехоҳем, ки дар Ӯзбекистони Нав танҳо қонун ва суд ҳимоятгари шаҳрвандон ва тиҷорат бошанд. Мо аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор назорати самарабахши ҷамъиятиро ба роҳ монда, барои ба суди одил муваффақ шудан тамомии имкониятҳоро сафарбар менамоем.

Ӯзлидеп ба сифати нерӯи сиёсие, ки ҷонибдори мустақилии судҳо мебошад, ислоҳоти муттасилеро, ки дар мамлакат бинобар ин соҳа амалӣ мешаванд, ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Вале пешниҳодҳое, ки аз ҷониби баъзе ҳизбҳо бинобар ин самт пеш гузошта мешаванд, метавонанд садди роҳи расидан ба ин мақсадҳо шаванд. Чунончи, ташаббуси ротатсияи раисони судҳои вилоят, ноҳия (шаҳр), ки аз ҷониби Ҳизби халқиву демократӣ пешниҳод мегардад, метавонад ба мустақилии суд таъсири бевосита расонад. Яъне дар мамлакати мо нафақат суд, балки судяҳо ҳам мустақил мебошанд. Ба амал ҷорӣ намудани ротатсияи онҳо ба мустақилии судяҳо, ки дар таҳрири нави Сарқонуни мо танҳо ба меъёрҳои Сарқонун ва қонунҳо итоат кардан сабт шудааст, мантиқан дуруст намеояд. Дар ҳоле, ки судя мустақил аст, аз ротатсия кардани раисони судҳои вилоят, ноҳия (шаҳр) чӣ маънӣ бармеояд? Онҳо танҳо ба Сарқонун ва қонун итоат мекунанд.

Мо бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ҳангоми истифодаи қонунгузорӣ ҳуҷҷати судиеро, ки бинобар парвандаи муайяни судӣ бароварда шудааст, ҷорӣ намудани **«ҳуқуқи президенти судӣ»**-ро, ки барои истифодаи навъи дигари он имкон медиҳад, айни муддао мешумморем.

Агар мо ба зинаи нав бардоштани низоми суду ҳуқуқи мамлакатамонро хоҳем, бояд истифода аз претседенти судиро ҳарчи зудтар ба роҳ монем. Зеро замони он фаро расидааст.

Баробари ин дар пояи хоҳиши ҷабрдида **пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноӣ** истифодаи чораҳои оштиро мечӯем. Бо ин восита мо ба гирифтани пеши роҳи муддати мадид давом кардани ҷараёни ҷиноят муваффақ мешавем.

Барои минбаъд ба роҳи дуруст афтодани шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, мо васеъ кардани чораҳои ҷазои мукобил ва дигар таъсиррасонии ҳуқуқиро хеле муҳим меҳисобем.

Бинобар ҷиноятҳои иқтисодӣ имконияти **истифодаи васеъ аз чораҳои эҳтиётии гаравгонӣ** фароҳам оварда мешавад. Бинобар ин масъала имконияти муроҷиати айбдоршаванда ё худ ҳимоятгар барои дигар кардани чораҳои эҳтиётӣ аз ҷониби суд васеъ карда мешаванд.

Мо аз тариқи ҷорӣ намудани **меъёрҳои мулоқот**и ходимони корҳои дохилӣ ва мақомоти гвардияи миллӣ бо шаҳрвандон дар назди чашми халқ онҳоро воқеан ба ҳимоятгарони ҳақиқӣ табдил медиҳем.

Дар тамоми соҳаҳо талаботи кор кардарно мувофиқи маълумот оид ба шахс пурқувват мекунем. Мақсади ниҳоии мо таъмин сохтани дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон, ҳифзи мулк ва маблағи онҳо аз фиребгарон, ба хусус аз киберҷиноятқорон аст, ки торафт қувват мегиранд.

Боз як вазифаи ҷиддӣ ин аз ҷониби Палатаи адвокатҳо такмил додани фаъолияти таъмин сохтани ҳифзи адвокатҳо, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо ба шумор меравад. Аз тариқи **ҷорӣ намудани рейтинги адвокатҳо** дар низоми адвокатӣ муҳити рақобат инкишоф меёбад, салоҳияти адвокатҳо зиёд мегардад.

Ҳизби мо таклифи таҷдиди назар кардани бисёр меъёрҳоеро, ки ба пешбурди тиҷорат халал мерасонанд, пеш мегузорад.

Боз як вазифаи муҳиме, ки дар назди ҳизби мо истодааст, ин аз муттасил идома додани сиёсати ошкорбаёнӣ, ҳамчунин аз вусъат додани мулоқот бо халқ иборат аст. Мо дар ин бобат фаъолияти озоди воситаҳои ахбори оммавӣ, ҳуқуқи хабардории шаҳрвандон, истифода ва паҳн кардани онро қатъиян кафолат медиҳем. Ба ҳама гуна саъю кӯшишҳое, ки бар муқобили озодии сухан мебароянд, мубориза мебарем, инкишоф додани низоми матбуоти мустақили ғайридавлатиро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем.

Ҳизб ташаббусҳои муҳими вобаста ба мубориза бар муқобили тамаъгариро низ пеш мегузорад. Яъне мо барои зиёд кардани самаранокии низоми бартараф сохтани омилҳои тамаъгарӣ, дар ҷамъият муносибати муросонопазир нисбат ба тамаъгариро ташаккул дода, ин корро муттасил идома медиҳем. Чораҳои ба зинаи нав бардоштани сиёсати давлатиро дар мубориза ба муқобили тамаъгарӣ меандешем. **Стратегияи миллии мубориза бар муқобили тамаъгариро, ки то соли 2030-юм пешбинӣ шудааст**, қабул мекунем.

Ба аҳолӣ шароити муҳити мусоидро фароҳам меоварем

Дар Сарқонуни мо оид ба қоидаҳои асосии стратегияи тараққиёти экологии Ӯзбекистон, талаботи доир ба он мушаххас шудан, ин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ барои дар мамлакат ҳифз намудани муҳити атроф ва бинобар истифодаи захираҳои табиӣ он қоидаҳои муҳимтарину асосиро мушаххас менамояд.

Ба хусус, дар миқёси мамлакат дар доираи лоиҳаи умумимиллии **«Макони сабз»** дар кишвар **1 миллиард бех ниҳол** шинонда, дар **2 миллион гектар** замини қаъри хушкидаи баҳри Арал бешазор бунёд гардидааст.

Дар кишварамон тӯли шаш соли охир майдонҳое, ки дар онҳо технологияҳои сарфакунандаи об гузошта шудаанд, ба 700 ҳазор гектар зиёд гардид. Дар Ӯзбекистон бобати ба **«иқтисодиёти сабз»** гузаштан низ қадамҳои муҳим гузошта шуданд.

ӮзЛиДеП ин ислоҳоти оғозшударо пурра дастгирӣ мекунад ва дар панҷ соли оянда масъалаҳои зеринро самтҳои асосии барномаи пешазинтихоботии худ муайян кардааст.

Дар ин бобат ба мақсади аз захираҳои об оқилона истифода бурдан дар хоҷагии об ҷорӣ кардани шарикии давлативу хусусӣ ва аутсорсинг зарур аст. Зеро мушкилоти захираҳои об дар даҳсолаҳои оянда барои минтақа ва кишвари мо аз ҷумлаи масъалаҳои рӯзмарра боқӣ мемонанд.

Ҳоли ҳозир 70 фоизи заминҳо бо усули кухна обёрӣ мешаванд, бинобар он, ки 60 фоизи рӯдхонаҳо бетонхобонӣ нашудаанд, соле 16 миллиард метри мукааб об беҳуда харҷ мегардад. Бинобар ҳамин ҳам дар тӯли панҷ сол барои фермерон ва деҳқононе, ки дар киштзорҳояшон технологияҳои сарфакунандаи обро ҷорӣ мекунанд, пардохти 50 фоизи хароҷоташон айни муддао хоҳад буд.

Мо дар соҳаи экология бо дарназардошти тақозои замон такмил додани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро зарур меҳисобем ва дар тамоми ҳудудҳо барои беҳтар намудани ҳавои муҳит қабул кардани **«Барномаи миллии ҳавои тоза – 2030»**-ро вазифаи аввалиндараҷа меҳисобем.

Ба минтақаи Наздиарал эътибори аввалиндараҷа зоҳир намуда, дар қаъри хушкидаи баҳр **барилова барпо кардани 500 ҳазор гектар замини сабз** ва ҳаҷми умумии онро ба **2,5 миллион гектар**, ё худ ба 78 фоиз мерасонем.

Мо аз тариқи васеъ кардани ҳаҷми «иқтисодиёти сабз» ва пешрафти «сабз» таъмин сохтани тараққиёти муттасилро имконпазир меҳисобем. Дар ҷумҳурӣ **манбаи энергияи такрориро 2,5 баробар** зиёд карда, саҳми онҳоро дар энергияи истеҳсолшуда ба 40 фоиз мерасонем. Истифодаи технологияҳои «сабз»-ро васеъ мекунем, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол менамоем, дар истеҳсолот истифода аз технологияҳои пӯшидаро инкишоф медиҳем.

Дипломатияи иқтисодӣ гарави сиёсати хориҷии ошкоро, барои тарафайн муфид ва конструктив аст

Дар мамлакат таҳти роҳбарии сарвари давлат дар тамоми соҳаҳо бо **давлатҳои дуру наздик робитаҳои дӯстӣ** ва ҳамкориҳои тарафайн сол аз сол мустаҳкамтар мешаванд.

Ҳизби мо бар он аст, ки сиёсати хориҷии Ӯзбекистони Нав **бояд танҳо бо дарназардошти манфиатҳои миллии халқамон амалӣ шавад**, ин мавқеи қатъии ҳизб аст.

Мо ҷонибдори онем, ки робита ва ҳамкориҳоямон **бо давлатҳои дуру наздик**, созмонҳои байналхалқӣ дар пояи ана ҳамин тамоюл инкишоф ёбанд.

Мо ҳайрхоҳи **сиёсати хориҷии ошкоро, прагматик ва фаъол** мебошем.

Ҳизб дар сиёсати хориҷӣ барои беш аз пеш инкишоф додани **муносибатҳои ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ бо давлатҳои ҳамсоя** аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад.

Ҳизби мо пешбурди ташаббусҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва маданиву гуманитарии мамлакатамонро дар соҳати байналхалқӣ фаъолона дастгирӣ мекунад, дар **Осиёи Марказӣ** самтҳои гуногун, ба хусус, истифодаи оқилона аз захираҳои об, сифатан ба дараҷаи нав бардоштани ҳамкориҳои амалӣ дар бораи инкишоф додани гузаргоҳҳои наклиётӣ, мустаҳкам намудани алоқаҳои амалиро дар шаклҳои нав бо ҳамкорони стратегӣ фаъолона дастгирӣ менамояд.

Баробари ин бо ҳамкорони анъанавӣ беш аз пеш инкишоф додани муносибатҳо, ба васеъ намудани ҷуғрофияи робитаҳои хориҷӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад, пурзӯр намудани дипломатияи иқтисодӣ низ барои мо аз соҳаҳои муҳим ба шумор меравад.

Инкишоф додани корҳо бобати **ба ҷомеаи васеъ расондан**и ташаббусҳои байналхалқии Ӯзбекистон аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими ҳизб боқӣ хоҳад монд.

Дар Барномаи пешазинтихоботии ӮзЛиДеП ба **мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо ҳамватанони хориҷӣ ва таъмин сохтани ҳуқуқи муҳоҷирон низ эътибор дода шудааст**. Мо, **ба хусус ҳамватанони хориҷии худро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда**, барои дар тараққиёти кишварамон фаъол иштирок кардани онҳо шароитҳои зарурирро фароҳам меоварем. Дар байни онҳо **бинобар тарғибу ташвиқи забони модарӣ, маданият ва анъанаҳои миллӣ** чорабиниҳои мунтазам меандешем.

Ба ҳамватаноне, ки ба вазъи мураккаб афтодаанд, низоми хидматрасонии ҳуқуқӣ ва кумакҳои дигарро беш аз пеш такмил медиҳем. Ҳамчунин барои ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ғамхории доимӣ расондан, ҳамчунин бобати такмил додани низоми суғуртаи иҷтимоӣ чорабиниҳо меандешем.

ӮзЛиДеП аз роҳи рушди Ватан боз намегардад. Санҷиш ва машаққатҳои ин роҳро ба манфиати электорат аз байн бардошта, ҳамеша бо халқ якҷо мемонад! Ба номзадҳои мо овоз диҳед!

Дилором ФАЙЗИЕВА,
Дилмурод ОРТИҚОВ,
номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис

БА ҲАРАКАТИ СОҲИБКОРОН ВА КОРЧАЛЛОНҲО – ҲИЗБИ ЛИБЕРАЛИВУ ДЕМОКРАТИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

ВИЛОЯТИ ТОШКАНД БО РОҲИ ТАРАҚҚИЁТ, ҲАМҚАДАМ БО ЗАМОН ПЕШ МЕРАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Президент бо корҳои васеъмиқёси бунёдкорӣ, ки дар ин ҷо ба амал баровардашудаанд, муфассал шинос шуд. Дар бораи самарабахшии иқтисодии заводи оянда, технологияҳои пешқадам, ки дар он истифода мешаванд ва қулайиҳое, ки дар ҷараёни кор фароҳам оварда шудаанд, маълумот дода шуд.

Дар марҳилаи аввал фабрика имкони коркарди 60 миллион тонна маъданро дар як сол хоҳад дошт. Аз ин ҳисоб соле 917 ҳазор тонна мис ва 2,5 ҳазор тонна консентратҳои молибден истеҳсол карда мешавад. 5600 кас бо кор таъмин карда хоҳад шуд.

Ин лоиҳаи бузург ба рушди соҳаҳои ҳамҷавори саноат низ таъсири мусбат мерасонад. Масалан, 6 завод ба кор андохта шуд, ки барои сохтмони фабрика конструксияҳои металлӣ интиқол медиҳанд. Таълими муҳандисӣ, IT ва касбӣ ба зинаи нав мебарояд. Талабот ба манзили нав ва хидматрасонӣ арзи вуҷуд менамояд.

Дар фабрика инчунин раванди логистика сода гардонда хоҳад шуд. Байни тамоми корпусҳои фабрика конвейерҳо мавҷуданд. Ин имкон медиҳад, ки зарурати дастӣ бор кардан ва кашондани маъдан барҳам дода, хароҷот коҳиш дода шавад.

Дар марҳилаи дуюм иқтидор ба 160 миллион тонна мерасад, ё ин ки нисбат ба нишондоди аввала се баробар зиёдтар аст. Дар натиҷаи татбиқи ин ду марҳила корхона то соли 2028 иқтидори истеҳсоли 400 ҳазор тонна мис, 50 тонна тилло ва 270 тонна нукраро дар як сол пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ дар соҳаи маъдани кӯҳӣ ба яке аз маҷмӯъҳои дар ҷаҳон бузургтарини саноатӣ табдил хоҳад ёфт.

Мувофиқи арзёбиҳои байналмилалӣ захираҳои умумии мис дар Олмалиқ 45 миллион тонна, тилло – беш аз 5 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Ин яке аз нишондиҳандаҳои калонтарин дар ҷаҳон аст.

Боз як ҷанбаи муҳим он аст, ки имрӯз дар ҷаҳон «иқтисодиёти сабз», электротехника, истеҳсоли мошинҳои барқӣ бо суръат рушд мекунад. Дар натиҷа то соли 2030 талабот ба маҳсулоти мис 40 дарсад афзоиш хоҳад ёфт.

Ин чунин маъно дорад, ки маҳсулоти комбинати Олмалиқ дар тӯли солҳои охир дар бозори байналмилалӣ серхаридор хоҳад шуд. Дар оянда ҳаҷми маҳсулоте, ки комбинат истеҳсол менамояд, бештар аз се баробар зиёд шуда, арзиши он қариб ба 8 миллиард доллар мерасад. 11 ҳазор ҷойҳои нави корӣ баландтехнологӣ таъсис дода мешаванд.

Роҳбари давлат аз устохонаи корхонаи таъмиру механикии «Enter Steel» боздид намуда, бо таҷҳизоти нав ва ҷараёни кор шинос гардид.

Ҳоло ин корхона, ки дар он 350 нафар меҳнат мекунанд, таҷҳизот ва қитъаот барои объектҳои истеҳсолии соҳаи саноати сабук ва вазнин, истихроҷи кӯҳ ва газу кимё истеҳсол менамояд. Ба балкаву симчӯб, эстакадаву такягоҳҳо барои хатҳои ноқили электр, буриҷҳои фишори об, сутунҳо барои антеннаҳои GSM, дигар василаҳои филизот, зарфҳои фишораш баланд, деворапои электрикӣ, ки дар ин ҷо истеҳсол мешаванд, дар бозор эҳтиёҷ зиёд аст.

Таҷҳизоти замонавитарине, ки дар ин ҷо насб гаштааст, аз Чин, Италия, Олмон оварда шуда, ба баланд бардоштани сифати маҳсулот ва самаранокии истеҳсолот мусоидат менамоянд.

Ҳоло ҳозир корхона барои фабрикаи сеюми мису ғанисозӣ қитъаот ва таҷҳизот мегузорад.

Роҳбари давлат бо ҷараёни истеҳсолии корхона ва маҳсулоти тавлидии он шинос шуд, бо коргарон ва хидматчиён суҳбат кард. Аҳамияти рағбатноксозии чунин лоиҳаҳоро дар ҳудуде, ки саноаташ инкишоф меёбад, таъкид кард.

Сипас дар Олмалиқ ҷамъомад оид ба муҳокимаи рушди ҷории вилояти Тошканд ва вазифаҳои оянда баргузор гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев натиҷаҳои иҷтимоиву иқтисодии минтақаро амиқ таҳлил намуда, ба имконоти иловагӣ ишора намуд.

Дар ҳафт соли охир дар вилояти Тошканд низ тағйироти зиёд ба амал омад. Иқтисодиёти минтақа 1,5 маротиба афзуда, соли гузашта ба миқдори 119 триллион сӯм бо арзиши изофа ба вуҷуд оварда шуда, теъдоди соҳибкорон 16 ҳазор зиёд гардида, барои 170 ҳазор нафар ҷойи кори доимӣ фароҳам оварда шуд. 826 корхонаи нави саноатӣ ба қимати 6 миллиард доллар ба кор андохта шуда, ба миқдори 5 миллиард доллар содирот иҷро гардид. Дар натиҷа дар чор соли охир 70 ҳазор хонавода аз вазъи қашшоқӣ хориҷ гардида, соли ҷорӣ ин рақам 19 ҳазорро ташкил намуд.

Вилояти Тошканд оид ба миқдори шаҳру ноҳияҳо дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд. Дар муассисаҳои давлатии минтақа қариб 10 ҳазор нафар машғули кор мебошад. Дар 1025 маҳалла 6123 аъзои «ҳафтгонаи маҳалла» мавҷуд аст. Таъкид шуд, ки ин барои рушди шаҳру деҳот, баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолӣ бо корбурди имконоти дохилӣ қувваи кофӣ мебошад. Имконоти барилова ҷалб намудани 13 миллиард доллар сармоя, ба вуҷуд овардани 500 ҳазор ҷойи кор, ба бучет ворид гардидани 3,5 триллион сӯм маълум гардид. Таъкид шуд, ки барои ба натиҷа табдил додани ин имкониятҳо оид ба ҳар як 22 ноҳия ва шаҳр қарори алоҳидаи ҳукумат содир хоҳад гардид.

Дар вилоят таваҷҷуҳ рӯз аз рӯз ба соҳибкорӣ меафзояд. Корхонаҳои пойтахт низ инчунин дар вилояти Тошканд бинобар наздикии инфрасохтор, арзонии замин, андоз барои мулк ва қувваи корӣ ҷой мечӯянд. Бинобар ин таъкид шуд, ки ноҳияҳои Тошканд, Қибрай, Зангиато, Юқоричирчиқ, Ӯртачирчиқ, шаҳрҳои Чирчиқ ва Нурафшон дар ҳамоҳангӣ бо ноҳияҳои пойтахт бояд инкишоф ёбанд.

Барои мисол, дар ноҳияи Тошканд дар 97 гектар технопарки индустриалӣ бунёд мегардад. Дар он лоиҳаҳо бо арзиши баланди изофа ба миқдори 350 миллион доллар бо иштироки соҳибкорон ва бонкҳо ҷойгир мегарданд. Инчунин дар ноҳия имконоти сохтмони иморатҳои бисёрошёна, санаторияҳои нав, муассисаҳои варзишӣ ва шодибахш вуҷуд дорад.

Саҳми шаҳрҳои Ангрен, Олмалиқ, Оҳангарон, ноҳияҳои Пскент ва Оҳангарон дар саноати вилоят 50 фоизро ташкил менамояд. Онҳо дар шафати ҳамдигар ҷойгир шуда, аз ҳавзаҳои ашёи хом ғанӣ мебошанд. Таъкид шуд, ки барои ташкили истеҳсолот дар ин шаҳру ноҳияҳо дар асоси кооператсия ва кластерҳо низоми комилан нав – барномаи «Секунҷаи саноатӣ» ба амал татбиқ мегардад.

Дар минтақаи мазкур 1100 корхона фаъолият дорад. Аз ҳисоби лоиҳаҳои нав дар зарфи 2-3 сол миқдори онҳо ба 1,5 ҳазор мерасад. Дар натиҷаи кооператсия чӣ харҷи нақлиёт, чӣ нархи аслии маҳсулот арзон мегардад.

Барои мисол, комбинати Олмалиқ соле ба миқдори 9 триллион сӯм маҳсулот харид менамояд. Зикр шуд, ки ин барои 5 шаҳр ва ноҳияи наздик имконоти калон аст.

Таъкид гардид, ки то охири сол ҳаҷми сармояи хориҷиро то 2 миллиард доллар, содиротро то 1,5 миллиард доллар расондан, анҷом додани 661 лоиҳа ва фароҳам овардани 30 ҳазор ҷойи нави кор имконпазир аст.

Вазифаи таҳлили дақиқи ниёз дар мошинсозӣ ва таҳияи барномаи сесола оид ба вусъат додани маҳалликунонӣ ва пурзӯр намудани ҳамкорӣ бо корхонаҳои калон гузошта шуд.

Дар вилояти Тошканд замин ва об зиёд аст. Аммо даромади миёна аз 1 гектар нисбат ба дигар вилоятҳо паст аст. Дар се соли охир 21 ҳазор гектар замин дар вилоят барои кишт ба 57 ҳазор нафар аҳолӣ дода шудааст.

Содироти маҳсулоти меваву сабзавот ба дараҷаи соли гузашта нарасид. Ба сабаби бесамарии 2200 гектар боғ ва токзор соле содирот ба миқдори 10 миллион доллар аз даст меравад. Дар бобати татбиқи технологияи сарфакунандаи об вилояти Тошканд ҷойи охирро ишғол менамояд.

Ба сабаби ин ва камбудиҳои дигар муовини ҳокими вилоят оид ба хоҷагии қишлоқ аз вазифааш озод карда шуд.

Таъкид шуд, ки дар асоси низоми нави боғдорӣ плантатсияҳои тамашк ва кабудбутта дар кӯҳпояҳои заминҳои Оҳангарон ва Бӯстонлиқ, ангурзорҳо ва олучазорҳо дар Паркент ва Оҳангарон ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар Ангрен истеҳсоли шарбати анор, дар ноҳияи Оҳангарон азнавкоркарди олуи бухорӣ роҳандозӣ мегардад.

Соли ҷорӣ ба оилаҳои вилояти Тошканд барилова 5 ҳазор гектар замин барои киштукор ва боғдорӣ пешбарӣ мегардад.

Супориш дода шуд, ки вилоят дар боғдорӣ намуна гардад ва содиротро то 300 миллион доллар расонад.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои коҳиши нодорӣ таҳлил гардиданд.

Ҳоло дар вилояти Тошканд 63 ҳазор хонаводаи камтаъмин боқӣ мондааст, ки аз он 190 ҳазор аъзо қобили меҳнат мебошад. Дар доираи барномаи «Аз нодорӣ ба шукуфоӣ» соли оянда аз қашшоқӣ берун намудани 116 ҳазор сокини вилоят ба нақша гирифта шудааст.

Ин кофӣ нест. Барои мисол, вилояти Тошканд дар бобати бо кор таъмин намудани аҳолӣ аз тариқи тиҷорати хурд ҷойи охирро ишғол менамояд. Танҳо 25 фоизи саноати вилоят ба тиҷорати хурд рост меояд. Бинобар ин доир ба рушди соҳибкорӣ ва фароҳам овардани манбаъҳои даромад барои аҳолӣ супоришҳо дода шуд.

Барои ин вазифа гузошта шуд, ки дар тӯли сол 27 ҳазор камтаъмин дар асоси таҷрибаи Сайхунобод, 8,5 ҳазор дар асоси таҷрибаи Зарбдор, 39 ҳазор дар асоси таҷрибаи Уйчӣ, 10 ҳазор дар асоси таҷрибаи Ғиждувон бо шуғл фаро гирифта шавад.

Дар натиҷаи ҷудо намудани 1 триллион сӯм кредити имтиёзнок ва 32 миллиард сӯм субсид барои лоиҳаҳои тиҷорати хурд ба фаъолияти соҳибкорӣ 30 ҳазор нафар ҷалб хоҳанд гардид.

Вақтҳои охир миқдори одамоне, ки аз вилояти Тошканд ба кори каммузд ба хориҷа рафтаанд, ба 30 ҳазор нафар кам гардид. Аммо таъкид шуд, ки 158 ҳазор нафар шаҳрванд ҳанӯз дар хориҷ аз кишвар кор мекунад.

Акнун фаъолияти Агентӣ оид ба муҳоҷират такмил дода шуда, барҳурдҳои нав доир ба таъмини аҳолӣ бо кори бехатар ва баландмузд такмил дода мешавад. Одамоне, ки аз корҳои мавсимӣ аз хориҷа баргашта ва боз хоҳиши рафтан доранд, ба касбҳои баландмузд омӯзонда мешаванд. Онҳое, ки соҳиби касб мебошанд, ба забонҳои хориҷӣ омӯзонда мешаванд.

Вилояти Тошканд, ки дорои табиати зебо ва инфрасохтори муносиб аст, потенсиали баланди сайёҳӣ дорад. Аммо аз сабаби он ки талаб аз пешниҳод зиёд мебошад, нархи хидматҳои сайёҳӣ баланд аст. Таъкид шуд, ки имконияти афзудани теъдоди объектҳои сайёҳӣ, дучанд намудани ҳаҷми хидматрасонӣ ва ҷалби 10 миллион нафар сайёҳ вуҷуд дорад. Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки барои соли оянда ба миқдори 1,5 миллиард доллар лоиҳаҳо таҳия кунанд.

Дар ҷамъомад инчунин ба масъалаҳои тайёрӣ ба мавсими зимистон ва истеъмоли энергия дахл карда шуд. Дар бобати иваз намудани таҷҳизоти энергияталаби корхонаҳои калон ва бо гармӣ таъмин намудани маҳаллаҳо супоришҳо дода шуд.

Ҳокимони вилояти Тошканд, шаҳр ва ноҳияҳо, инчунин роҳбарони соҳаҳо дар бораи нақшаҳои кор маълумот доданд. Роҳбари давлат бо намояндагони аҳолӣ суҳбати самимӣ анҷом дод.

Худи ҳамин рӯз Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ ва лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ шинос шуд.

Ислоҳоти иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳо натиҷаҳои хуб бахшида истодааст. Дар тӯли шаш соли охир дар комбинати Олмалиқ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат 1,8 баробар, маҳаллигардонӣ – 7,7 баробар, сармоягузорӣ – 13 баробар афзуд. Дар доираи стратегияи «КМКО-2030-и рақамӣ» зиёда аз 70 лоиҳа амалӣ карда шудааст.

Ҳоло маҷмааҳои нав сохта, иқтидорҳои мавҷуда вусъат дода мешаванд. Агар дар тӯли таърихи 75-солаи комбинат 2 корхона сохта шуда бошад, ҳоло суръати ба кор андохтани иқтидорҳои нав хеле баланд шудааст. Соли 2021 дар заминаи кони «Ёшлик-1» сохтмони фабрикаи сеюми ғанигардонии мис оғоз гардид. Ҳоло дар чаҳорчӯби марҳилаи дуюми ин тарҳ сохтмони фабрикаи чоруми ғанигардонии мис оғоз мешавад.

Сарвари давлат тугмаи рамзиро пахш карда, сохтмони корхонаи навро оғоз намуд.

Ба шарофати лоиҳаи арзишаш 5,3 миллиард доллар иқтидори истеҳсоли 146 ҳазор тонна катоди мис, 13 тонна тилло ва 73 тонна нуқра дар як сол фароҳам оварда мешавад. Истеҳсоли солона ба 1,9 миллиард доллар мерасад. Дар фабрика ва объектҳои инфрасохтори он зиёда аз 3 ҳазор кас кор хоҳад кард.

Ба лоиҳа ширкати итолиёвии «Wood» ва британиёии «Worley Parsons» ҷалб карда шуданд. Дар истеҳсолот истифода бурдани технологияи баланд, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва сарфакор пешбинӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки ҳоло фабрикаи 5-уми ғанигардонии миси Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ таҳрезӣ карда мешавад.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Тошканд анҷом ёфт.

Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,
Икром АВВАЛБОЕВ,
мухбирони ӮзА.

АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРӢ — АСОСИ МУҲИМИ РУШДИ МАЪНАВӢ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ФАРҲАНГӢ

Дар интихоботи навбатӣ, ки барои парлумон ва шӯроҳои маҳаллӣ гузаронида мешавад, мо вазифаи «Бунёди ҷамъияти фаровоне, ки ба давлати тавоно такя карда, қонунҳояш бо арзишҳои милливу умумиинсонӣ ҳамоҳанг ва қадри инсон баланд аст»-ро мақсади асосӣ ва ғояи «Тараққиёт дар асоси арзишҳо»-ро чун саршиори худ муқаррар намудем.

Барои мо шиори «Тараққиёт дар асоси арзишҳо» даъвати муттаҳидкунанда дар роҳи ба давлати соҳибқудрат табдил додани Ӯзбекистони ҷонаҷон ва фаровонии мардум дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои милливу фарҳангӣ ва тараққиёти муосир мебошад.

Дар тамоми бахшҳои барномаи пешазинтихоботӣ мақсаду вазифаҳои мушаххас оид ба эҳёи арзишҳо ва рушди онҳо муайян гардида, самти дуюми барнома «Рушди маънавӣ ва ривоҷдиҳии фарҳанг» ном дорад, ки аз 3 бахш ва 26 вазифа иборат аст.



Рушди фарҳангу маънавияти миллӣ, ҳифз ва ғанӣ гардонидани арзишҳо яке аз вазифаҳои асосии мо хоҳад буд

Имрӯз ҳизб барои ба ҳар як ҳамватанамон фаҳмонидани мансубияти онҳо ба модар-Ватан, мусаллаҳ намудани халқ бо ғояҳои бунёдкори арзишҳои миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, новобаста аз он ки дар кадом гӯшаи дунё ҳастем, барои муттаҳид гардидан дар атрофи ғояи **«Мо як ҳамстем, мо аз Ӯзбекистонем!»** даъват менамояд.

Дар барномаи пешазинтихоботии ҳизб аҳамияти бузурги ҷаҳони маънавӣ ва ҷаҳонбинии фарҳангии инсон дар намоён гардидани салоҳияти ӯ зикр гардида, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маънавию фарҳангии ҷомеа ва ҳар як фард тавассути **оммавӣ гардонидани китобхонӣ, тарғиби театр, кино ва дигар соҳаҳои санъат** инҳоро пешниҳод мекунад:

– баланд бардоштани **масъулияти ҳокимон** дар соҳаи фарҳангу маърифат;

– таҳияи барномаи рушди санъати театр;

– ташкили консепсияи таҳиясозии сериалҳои миллӣ;

– офаридани адабиёт, мусиқӣ, суруд, санъат, кино, мултфилмҳои бачагона, **ривоҷдиҳии фаъолияти нашрияҳо**;

– **такмилдиҳии тартиб**и истифода аз рамзҳои миллӣ ва дигар рамзҳо, нишон (символ)-ҳо;

– тадқиқи **асар ва дастнависҳои қадима**, афзунсозии нашри онҳо;

– таснифи арзишҳо, таҳияи рӯйхати арзишҳое, ки ба эҳё ниёз доранд, устувор нигоҳ доштан, оммавӣ гардонидан ва ғайра.

Вазифаҳои дар боло зикршуда қариб тамоми воситаҳои тарғиби арзишҳои миллиро дарбар мегиранд ва маҳз аз ин ҷиҳат молики аҳамиятанд.

Фикри худро дар мисоли мушоҳидаҳоямон оид ба баъзе ҳолатҳо дар роҳи рушди адабиёти бачагона, ки арзиши миллӣ ва пояи фарҳанги мутолиа мебошад, идома медиҳем. Чунки худшиносӣ **раванди интеллектуалӣ аст**. Инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ бошад, бевосита ба мутолиаи китоб вобаста мебошад.

Дар рафти корҳои назоратию таҳлилие, ки аз тарафи ҳизби мо бо иштироки гурӯҳҳои депутатӣ оид ба ин масъала гузаронида шуд, зарурати нав кардани баъзе фондҳои ахбор-китобхонаҳо дар мамлакат, ки ба аҳолӣ хидмат мерасонанд, аниқ гардид.

Дар ин самт, беҳсозии таъминоти марказҳои ахбор-китобхонаи тобеи Китобхонаи миллии Ӯзбекистон, эътибор ба бунёд ва таъмир кардани биноҳои китобхонаҳо муҳим маҳсуб мешавад.

Инчунин, дар барномаи пешазинтихоботӣ вазифаҳои **таснифи арзишҳо, таҳияи рӯйхати арзишҳое, ки ба эҳё ниёз доранд, устувор нигоҳ доштан ва оммавигардонии онҳо** пешбинӣ шудааст. Дар интихоботҳои гузашта вазифаи ислоҳи арзишу анъанаҳои миллӣ дар асоси ба рӯйхат гирифтан, ҷудо кардани онҳо ба намудҳои «арзиш ва анъанаҳои миллӣ, ки аз байн рафта истодаанд ва ҳоло ба барқарор кардан ниёз доранд», «анъанаҳое, ки хилофи арзиш ва анъанаҳои миллии мо ҳастанд ва дар айни замон оммавӣ мегарданд», «арзиш ва анъанаҳои миллӣ, ки бояд ҳифз шаванд» вуҷуд дошт.

Дар ин барномаи пешазинтихоботии худ низ ин масъаларо дохил кардем. Чунки ин масъалаи муҳим дар назди мо саволи фардо симои маънавии ӯзбекистониён чӣ хел мешавадро ба миён мегузорад. Ин савол дар маркази худшиносӣ қарор дорад. Ҳар як давлати пешрафта ба ин савол ҷавоби худро дорад. Нуқтаи рушди моро бояд арзишҳои мо муқаррар намояд.

Ҳифзи мероси фарҳангӣ, истифодаи он, такмил додани асосҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо дар маркази диққати мо мешавад

Ҳар як мамлакат бо таърих ва гузаштаи ғании худ зинда ва ҷовидона аст. Ӯзбекистон ҳам бо таърихи сеҳазорсолаи худ асрҳо инчониб мардуми ҷаҳонро ба ҳайрат меандозад. Ёдгориҳои таърихию меъмории кишварамон аз ақлу заковати беҳамто ва таҷрибаи ғании аҷдодони мо дар соҳаи илмҳои дақиқ гувоҳӣ медиҳанд. Ҳифзи ин мероси моддию фарҳангӣ ва ба наслҳои оянда бегазанд расонидани он ҳам қарз ва ҳам фарз аст.

Дар моддаи 61-уми таҳрири нави Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон беҳуда «Шаҳрвандон бояд мероси таърихӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва табиии халқи Ӯзбекистонро ҳифз кунанд. Мероси таърихӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва табиӣ аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад» муқаррар нагардидааст.

Мувофиқи маълумот, ҳоло дар мамлакатамон **8210 объект**и ғайриманқули **мероси моддии фарҳангӣ** таҳти ҳимояи давлат қарор дорад, ки аз ин шумора **4788-тоаш бостоншиносӣ, 2265-тоаш меъморӣ, 625-тоаш асарҳо**и монументалии **санъат ва 530-тоаш масканҳои сазовори диққат** буда, таҳти муҳофизати давлатанд. Дар Ӯзбекистон Бухоро, Самарқанд, Хива, Шаҳрисабз, Термиз барин шаҳрҳои осорхонавӣ бошад ҳам, дар онҳо эътибор ба объектҳои фарҳангӣ ва истифодаи босамари онҳо ба таври бояду шояд роҳандозӣ нашудааст.

Маҳз аз ҳамин сабаб, Ҳизби демократии «Миллий тикланиш»-и Ӯзбекистон чун ҷонибдори **танзими низоми ба иҷора додани мероси фарҳангӣ** ба майдон мебарояд. Мавқеи ҳизб бобати ба тартиб андохтани низоми ба иҷора додани объектҳои мероси фарҳангӣ, аз саъю талоши қатъии ҳизб ба ҳифзи миллият ва арзишҳои миллӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳизб мақсадҳои худ, бахусус, ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, ҳимояи ҳувият ва таърихи пуршарафро тавассути ҳифзи мероси миллӣ ба сифати вазифаи устувор муқаррар кардааст. Тавассути ин ташаббус онҳо талош доранд, ки **бо мақсадҳои тиҷоратӣ истифода шудани ёдгориҳои фарҳангиро пешгирӣ кунанд ва онҳоро ба сифати сарвати миллӣ бегазанд нигоҳ доранд**.

Дар баробари ин ҳама, ҳизб дар ин самт пешниҳодҳоро бобати **муайян кардани объектҳои мероси фарҳангӣ**, ки ба рӯйхат гирифта нашудаанд, **пешбарии ташаббусҳои қонунгузорӣ** оиди ба муҳофизати давлат гирифтан, пешгирии нобудшавӣ ё вайроншавии онҳо, **ба осорхона**и кушоди зери осмон **табдил дода**ни ёдгориҳои археологӣ, такмили тартиби **ба рӯйхат гирифтан**, ҳифз ва истифодаи мероси фарҳангӣ, ба мамлакат баргардонидани асл ё нусхаҳои **дастнавис, китоб ва дигар осори атиқаи қадимӣ**, ки дар хориҷа маҳфузанд, инчунин, **ба феҳристи ЮНЕСКО** дохил кардани объектҳои мероси фарҳангӣ, табиӣ ва дигарро пешбарӣ менамояд.

Ҳизби мо баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ, дар мамлакатамон ва берун аз он васеъ тарғиб намудани онро яке аз вазифаҳои устувори худ мешуморад

Забон яке аз омилҳои ҳалкунанда дар ҳифзи фарҳанг, таърих ва ҳувияти миллат аст. Вақте миллат аз забони худ дур мешавад, мумкин аст, аз арзишҳои фарҳангии худ низ дур шавад ва эҳтимол ин метавонад боиси аз байн рафтани миллат гардад. Бинобар ин, ноил шудан ба истифодаи пурраи забони ӯзбекӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, илму фан ва техника хеле муҳим аст. Дар нигоҳдории худшиносии миллӣ забон аҳамияти бузург дошта, он на танҳо воситаи мулоқот, балки василаи инъикоскунандаи тарзи тафаккури миллат, тараққиёти илму фан ва технология ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, ҳизб сиёсати давлатиро, ки ба баланд бардоштани мақом ва нуфузи забони давлатӣ нигаронида шудааст, дастгирӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҷонибдори истифодаи пурраи он дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад ва дар ин бобат як қатор ташаббусҳоро пешбарӣ менамояд.

Бахусус, ҳизб ба масъалаҳои **пурзӯр намудани ҷавобгарӣ** дар Ӯзбекистон **барои вайрон кардани қонун «Дар бораи забони давлатӣ»** эътибори алоҳида медиҳад.

Дар ин замон, ки илму фан, техника бошиддат рушд мекунад, барои нигоҳ доштани тозагии забон, мутобиқ ва мувофиқи маънавият ва менталитетамон интихоб намудани номи ҷойҳо, дарёфти муқобилҳои ӯзбекии истилоҳоти наве, ки тавассути соҳаҳои гуногун ба забони мо ворид мешаванд, инчунин, дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба забони давлатӣ ва арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳама як хел масъул мешавад.

Аз ин рӯ, ташаббусҳои ҳизб дар бораи **таъсиси Комиссияи давлатӣ оид ба ислоҳи ҳуҷҷатҳои марбут ба забони давлатӣ ва дар таҳрири нав қабули Қонун «Дар бораи забони давлатӣ»** аҳамияти бузург дошта, барои боз ҳам баланд бардоштани нуфузи забони давлатӣ хидмат мекунад.

Хулоса, дар мамлакати мо марҳилаи навбатии бедории миллӣ оғоз ёфт. Дар ин раванд, дар асоси ғоя ва мақсадҳои ҳизб, **масъалаи рушди маънавӣ ва ривоҷдиҳии маданият** аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар ин бобат, ҳифзи арзишҳо, ғанӣ гардонидан, муҳофизати мероси фарҳангӣ ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ аз муҳимтарин самтҳои устувори фаъолияти минбаъдаи ҳизб мешавад. Ташаббусҳое, ки аз тарафи ҳизб пешбарӣ мешаванд, барои боз ҳам баланд бардоштани фарҳанги ғанӣ, мероси маънавию фарҳангии халқи мо ва нуфузи забони давлатӣ хидмат намуда, дар асоси ғояи **«Тараққиёт дар асоси арзишҳо»** барои боз ҳам ривоҷ ёфтани мамлакатамон имкон медиҳад.

Барои пешрафти миллӣ ба Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» ва номзадҳои он овоз диҳед!

Зуҳра МИРГАЗИЕВА,
Руслан ЖУМАМУРАТОВ,
номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

БА ҲИЗБИ ДЕМОКРАТИИ «МИЛЛИЙ ТИКЛАНИШ»-И ӮЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

РЕШАПАЙВАНД

Ёде аз Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд ва аз як фориғтаҳсили он

Тараққиёти илми филологияи тоҷик дар асри XX ба ном ва фаъолияти Файзулло Абдуллозода ва ҳамсафони эшон алоқаи устувор дорад.

Носирҷон САЛИМОВ,
узви пайвастаи АИ Тоҷикистон.

ПЕШГУФТОР

Аз ҳеч кас пӯшида нест, ки замоне Бухоро маркази тамаддун буд. Онҳое, ки дар мадрасаҳои он хондаанд, аз ин ифтихор менамуданд. Инқилоби соли 1917 сохтори иҷтимоиро тағйир дод, мақому мартабаи Бухоро ба Тошканд гузашт. Бахусус, дар соҳаи илм ташкил ёфтани Университети Осиёи Миёна (САГУ) ва Дорулмуаллимини тоҷикӣ, ки ҳамчун «Тоҷикинпрос» шуҳрат ёфтааст.

Вақте ки ман бахшида ба устод Абдуллозода ёдномаеро бо номи «Хишти аввал» (2008) навишта будам, аз Ӯзбекистону Тоҷикистон бисёр мактуб гирифтам.

Номи адибон Баҳром Фирӯз ва Ҷонибек Қувноқ ба ҳама ошност. Онҳо аз он ки шогирди ӯ буданд, ифтихор мекарданд.

Дар адабиёти гузашта ва муосир симои муаллим-устод на камтар аз образи падарони бузургвор ё модарони мушфиқ ситоиш мешавад. Тазкираҳои удабо ва маноқиби авлиёву фузало гувоҳи онанд, ки донишмандон ҷиҳати расидан ба каъбаи мақсуд чӣ роҳе паймудаанд, аз кадом машоихи замон таълим гирифта, аз суҳбати кадом бузургвор баҳра бардоштаанд. Ба ин нисбат, муаллим ҳамеша мансуб ба қишри пешбари ҷомеа, болонишини маъракаҳо буд, ӯро чун аҳли зиё эҳтиром мекарданд.

Айёми мактабхонии ман, ки соли 1950 дар бинои масҷиди куҳна, дар мактаби ҳафтсолаи қишлоқ сар шудааст, обрӯ ва мақоми муаллим аз раиси колхоз паст набуд, онҳоро хурду калон эъзоз мекарданд. Ва ҳатто кори муаллимро ба касби кулол ташбеҳ медоданд, ки аслан ҷон доштааст. Чунки аксар муаллимони пурдон шогирдони доно ба воя расонидаанд. Устод Файзулло Абдуллозода аз тоифаи муаллимони ҳамадон буданд. Орзуи шогирд шудан ба он кас аз шунидани овозаашон пайдо мешуд.

Сабаби асосии ба факултети таърихи филологияи Институти педагогии Ленинобод (ҳозира ДД Хуҷанд) дохил шудани ман низ ҳамин аст, ки муаллимони забон ва адабиёти мактабамон Ҳоҷалой Наҷмиддинова, Абдураҳим Салимов, Турсун Ёдгоров, Неъматулло Саъдуллоев, ки аз хатмкардагони Институти педагогии Хуҷанд буданд, ҳангоми дарс ва баъзан дар тафреҳи миёни дарсҳо аз илму дониш ва фазилатҳои устодашон Файзулло Абдуллозода – аз аввалин дастпарварони Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд ёддоштҳои завқовару пуразиш нақл намуда, меҳри он касро дар дили мо ҷо кардаанд.

Аммо он солҳо намедонистам, ки номи Абдуллозода дар тамоми Тоҷикистон кайҳо боз машҳур аст, ба сифати муаллими навовари таълими забон ва ҷонфидои маориф маъруфият ёфта, бо Айнию Лоҳутӣ, Турсунзодаю Улуғзода, академикҳо Осимию Зариф Раҷабов ва Ғафур Ғулом барин алломаҳо робитаи дӯстӣ доштаанд, шеърҳояшонро «Овози тоҷик» чоп кардааст.

Он вақтҳо аз куҷо медонистам, ки таълим дигар асту тарбия дигар ва на ҳар муаллим метавонад ин ду унсурро якҷо амалӣ намояд. Абдуллозода ба ин муваффақ ва мушарраф ба унвони халқии «Муаллими муаллимон» гаштаанд. Биайниҳӣ, шайхи донишманди таърихамон Наҷмиддини Кубро, ки ба шарофати таълиму тарбияти судманди шогирдон мулаққаб ба «Шайхи валитарош» шуда, мондагори таърихи ислом гаштаанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

Раҳовард

2. ПАЗИРОИҲОИ ҒАЙРИИНТИЗОР ВА МУЛОҚОТҲОИ ХОТИРМОН

Мо ағбаи Анзоб ва нақбҳои зиёди онро убур намуда, вориди дараи хушбоду ҳавои Варзоб шудем. Вақте ки мошин аз рӯди Варзоб ба самти Душанбе ҳаракат мекард, ҳамсафарам – Камолиддини Азизиён чашм аз тамошои манзараҳои зебо наканда гуфт:

– Ҳаргиз интизор набудам, ки баъди роҳҳои морпечу нақбҳои зиёд чунин табиати хурраму биҳиштосо, рӯди шӯху пурмавҷи обаш мисли осмон мусаффо моро истиқбол мегиранд.

Камолиддин дӯсти даврааҳои ҷавониам аст. Вай 46 сол муқаддам барои дохилшавӣ ба яке аз донишкадаҳои шаҳри Душанбе омадааст, вале ба далели камбуди ҳуҷҷатҳо ба деҳаи Бозори куҳнаи ноҳияи Сӯх баргаштааст. Баъд тақдир ӯро ба Донишкадаи омӯзгории Херсон роҳнамоӣ кардааст ва риштаи забон ва адабиёти русро хатм намудааст. Баробари ворид шудани мо ба шаҳри Душанбе Камолиддин аз биноҳои баланду осмонбӯс чашм наканда гуфт:

– Ин шаҳр ба он шаҳре, ки дастикам ним аср пеш дида будам, ҳаргиз монанд нест. Он хеле тағйир ёфтааст!

Воқеан, Душанбе аз он шаҳри солҳои 70-80-уми қарни гузашта ба куллӣ фарқ мекунад. Махсусан тайи ду даҳсолаи охир дар ин шаҳри ҷавонии мо кӯчаву хиёбонҳои наву васеъ, иморату иншоотҳои гуногуни осмонбӯс арзи вуҷуд намудаанд, ки симои онро ба таври шинохтанашаванда тағйир додаанд.

Кормандии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қиёмуддин Саттор, ки аз шарикдарсони давраи донишҷӯйиам мебошад, гуфт, ки дар назди бинои Филармонияи давлатии кӯдакони Тоҷикистон вомехӯрем. Вай илова кард, ки бинои он дар шафати собиқ Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ воқеъ гаштааст. Ҳамроҳи Қиёмуддин моро Наргис Розиқова пазирой намуд.

– Маълуматон бод, ки шиноси дерини ману шумо – Наргис Розиқова бар маснади директори Филармонияи давлатии кӯдакони Тоҷикистон нишаст. Барои ҳамин аз мақоми роҳбари бадеии Театри давлатии лӯхтаки Тоҷикистон истеъфо дод, – гуфт Қиёмуддин Сатторӣ бо хитоб.

Дарёфтам, ки чаро ӯ маҳз ин ҷоро барои вохӯрӣ интихоб кардааст.

– Хеле хабари хуш! Табрики маро бипазиред, Наргис, – гуфтам.

– Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 июли соли ҷорӣ «Дар бораи таъсиси Филармонияи давлатии кӯдакони Тоҷикистон» қарори вижаеро ба имзо расонид. Ин филармония дар заминаи амвол ва воҳидҳои кории «Қасри фарҳанг ва санъати ҷумҳуриявӣ – Маркази ҷумҳуриявии эстетикии кӯдакон ва ҷавонон» таъсис ёфт, – гуфт Наргис Розиқова.

Шиносоии мо бо ин зани фурӯтану хоксор, аммо ба кору вазифаи худ басо масъулиятшинос соли 2018 дар назди Театри давлатии лӯхтак ба вуқӯъ пайваста буд. Ман ва Имомалӣ Эргашеви паркентӣ, Зайниддин Иброҳимови ангренӣ – се шарикдарси ӯзбекистонӣ баъди танаффуси дуру дароз ба шаҳри Душанбе рафтем. Қиёмуддин Сатторӣ – роҳбари адабӣ ва Наргис Розиқова – роҳбари бадеии ин театр ҷойи буду боши моро дар ду утоқи бӯстонсарои ин театр дуруст карданд.


Ҳамон сол кормандони театр дар майдони пушти сари бинои он маросими наврӯзӣ барпо намуданд. Мо ва ҳамдарси дигари мо – доктори улуми филология, устоди ДМТ Бадриддин Мақсудов ба аҳли ҷамоаи театр пайвастем ва ҳамроҳи онҳо иди Наврӯзро бо тантанаи хос таҷлил намудем.

Рӯзе паёми Наргис Розиқоваро хондам ва вай хабар медод, ки Театри давлатии лӯхтаки вилояти Фарғона меҳмони кӯдакони Душанбешаҳр шуд. Намоишномаҳои онҳо ба кӯдакон хеле писанд омад. Баъд илова кард, ки акнун сафари эҷодӣ навбати онҳост, барои ҳамин мехоҳад донад, ки ғайр аз шаҳрҳои Фарғонаву Марғелон ва Риштон намоишномаҳои худро боз дар кадом шаҳру ноҳияҳои вилояти Фарғона тақдими кӯдакон кунанд.

– Дар ҳама ҷо кӯдакон намоишномаҳои театри шуморо хеле хуб пазироӣ хоҳанд кард. Аммо агар гурӯҳи шумо ба ноҳияи тоҷикнишини Сӯх сафари эҷодӣ анҷом диҳад, басо ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Зеро кӯдакони ин ноҳияи дурдаст дар саҳна кайҳо ба забони модарии худ ягон намоишнома тамошо накардаанд.

Ин машваратро директори Театри лӯхтаки вилояти Фарғона Таваккал Султонов ва Наргис Розиқова бо хушҳолӣ пазируфтанд. Дарҳақиқат, сафари эҷодӣ барои кӯдакону наврасони Сӯх ҳодисаи фаромӯшнопазир гардид. Ҳунармандони Театри давлатии лӯхтаки Тоҷикистон аввал дар толори Кохи фарҳанги ноҳия ва баъд дар толорҳои чандин муассисаи таълимӣ намоишномаи «Маликаи шӯх»-ро намоиш доданд ва боиси роҳату фароғат ва шавқу сурури кӯдакони зиёд гардиданд.

– Ҷунин сафарҳои эҷодӣ минбаъд низ бояд аз тарафи ҷамоаи Театри давлатии лӯхтаки ду кишвар зуд-зуд ба роҳ монда шаванд, зеро ин иқдом барои мустаҳкам шудани риштаҳои дӯстиву рафоқати байни ду халқ хеле мусоидат хоҳад кард, – гуфт Розиқова.



Дар пайи ин дидору мулоқот мо ба Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар ворид шудем, ки дар ҳамсоягии филармония воқеъ гаштааст. Ин ҳамон бинои Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ буд, ки айёми донишҷӯйи вақти худро он ҷо сипарӣ мекардам. Нигарандаи ин сатрҳо маҳз дар ҳамин махзани китоб, бо истифода аз бастаи матбуоти даврӣ рисолаи дипломиамро дар мавзӯи «Рӯзномаи «Правда» дар бораи саноати Тоҷикистон» таълиф кардаам.

Директори ин китобхона бародари ҳамдарсу ҳамсабақамон, зодаи ноҳияи Восеъ Наҷот Сафарзода – Ҳусейн муаррифӣ шуд. Лаҳзае нагузашта вай моро бо Наҷот Сафарзода васл кунонд ва мо тавонистем, ки бо ҳамкурси беш аз чиҳил сол надидаву бехабари худ суҳбат кунем. Ногуфта намонад, ки дар ҳамин мулоқот ғояи азми сафари минтақаи Кӯлоб пайдо шуд, ки тафсилоти он дар гузориши дигар бозтоб хоҳад ёфт.

Хазинаи китобҳои ин китобхона зиёда 125 ҳазор арзёбӣ гардид. Ба гуфтаи Ҳусейн Сафарзода Ҳукумати Тоҷикистон барои хариди адабиёти тозанашр маблағи зиёд чудо намудааст. Вай таъкид варзид, ки адибон ва шахсони хайрхоҳ ба хазинаи китобхона даҳҳову садҳо адад китоб ҳадя мекунанд, ки ба забонҳои гуногун нашр шудаанд.

Аёдати яке аз қаламкашони маъруфи тоҷик, зодаи Сӯхзамин ва муқими Душанбешаҳр Марямбонуи Фарғонӣ низ ҷолибу хотирмон буд. Бо вуҷуди андак хастаҳолӣ ӯ моро хеле хуб пазироӣ кард.

– Шумо бӯйи Сӯхи бостониву бӯстонӣ ва мардуми шарифи онро ба машомам овардед. Устодам Салоҳиддин Завҳаровро хеле пазмон шудаам. Он кас яке аз шахсиятҳои закиву донишманди Сӯх ба шумор мераванд. Худо умрашонро дароз кунад. Аммо устодони зиёдамон, ки барои ба дарачаҳои баланд расидани мо барин шогирдон хидматҳои шоиста кардаанд, ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд. Худо ҳамаашонро биёмурзад, – гуфт бо оби дида Марямбону.

Баъд дар бораи Аълочии маорифи Тоҷикистон, устоди омӯзгорон Бегалӣ Болтаев бо ҳарорату меҳри баланд ҳарф зад. Ҳоло Бегалӣ Умаровичи 95-сола дар деҳаи Ҳушёр ба сар мебарад ва ҳанӯз ба кумаки касе муҳтоҷ нашудааст. Марямбону хоҳиш кард, ки дуруд ва сипоси беандозаашро ба ин пири хирад расонам, зеро маҳз ӯ барои сокини Душанбешаҳр шудан ва ҷойи кор пайдо кардanaш мадади калон расонидааст.

Баъд барои чанд соат ба тамошои шаҳр баромадем. Дар давоми шаш соле, ки дар ин шаҳр набудаам, маркази он қабои наву тоза гирифтааст. Аз ҷумла, биноҳои нави Ҳукумат ва Парлумони Тоҷикистон, «Майдони Истиқлол» ҳусни шаҳрро хеле афзудаанд. Сайру гашти шабона дар «Майдони Истиқлол», тамошои «Бурҷ»-и он бо баландии 120-метр, рақси фавворaҳои гуногунранг табъи моро болида сохт. Гуфта мешавад, ки маросими кушоиши ин майдони бовиқору хушнамо расо ду сол қабл баргузор шудааст ва баъд он ба фароғатгоҳи пуршукӯҳи пойтахти Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
ПАНҶАКЕНТ – ДУШАНБЕ.

РЕШАПАЙВАНД

(Аввалаш дар саҳ.3).

БО ҶУССАИ ТАҲАМТАН ВА ТАБИАТИ АЗ МӮ БОРИК

Дар зиндагӣ ба меҳри шогирдон ва ҳамкорон шарафёб шудан, кори саҳл нест. Махсусан барои Абдуллозода барин муаллиме, ки дили ҳассосу табиати нозуктар аз мӯ дошт.

Табиист, ки нозуктабиатӣ рамзи дониши баланд аст. Ӯ шоир ва рӯзноманигор буд. Овози ғафс дошт, шашмақом месуруд. Забонҳои гуногунро азбар карда буд. Ба ин нисбат ҳанӯз дар курси дуюми дорулмуаллимин мехонду ба донишҷӯёни курсҳои аввали техникуми аграрии Тошканд таълим медод.

Баъди хатми дорулмуаллимин як сол дар Институти педагогии Хуҷанд муаллим шуда, боз ба Тошканд меояд, таҳсилро дар шуъбаи шарқшиносии Донишгоҳи Осиёи Миёна идома дода, сипас се сол дар аспирантураи Донишгоҳи Маскав дониш андӯхт.

Ҳасудони замон дар ҷавоби матни рисолаи илмии ӯ аз Душанбе навиштаанд, ки «ба ҳимоя ва нашр кардан намеарзад». Аммо, ҳамин рисолаи Абдуллозода, бо имзои дигар «забоншинос» чоп мешавад. Дар як маҷмӯа шеъри ӯро бо имзои як шоири ношуд чоп намуда, шеъри пур аз саҳву хатои ҳамон «шоиртарош»-ро аз номи Абдуллозода нашр кардаанд. Ба вай сурма доданд, то овози форамаш гум шавад, натавонад дарс диҳад. Ин ҳама хусумат натавонист садди роҳи ӯ гардад.

Гарчанде ки аз иншои шеър ва ҳимояи рисолаи илмӣ даст кашид, касби муаллимиро аз даст надод. То охири умр устоди донишгоҳ буд, пайравони бешумор, ёрони ҳамнаво ёфт.

Доктори илмҳои таърих, профессори донишгоҳ, нависанда Назирҷон Турсунов устоди беунвонаш – Абдуллозодаро ба сифати «Файласуф, олим, устод ва мураббӣ» муаррифӣ карда бошад (ниг. ба китоби: «Аз ёдҳо ва дар ёдҳо». Хуҷанд – 2009, саҳ. 34-37), дигар шогирдашон, адиби драманавис, собиқ муаллими адабиёти тоҷики ДДХ Аҳмадҷон Усмонов зимни ёддоштҳои худ фикре ба ёдгор мондааст, ки гӯё: «танаи одамони фарбеҳ иборат аз қабат-қабат равған асту пайкари устод Абдуллозода мураккаб аз илму дониш...»

Солҳо гузаштанд. Дар таҷлили 100-солагии Абдуллозода дар назди бинои асосии ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров муҷассамаи ӯ гузошта шуд. Меҳрномаи «Аз ёдҳо ва дар ёдҳо» (мураттиб проф. Хуршед Абдуллозода. Хуҷанд— 2009, саҳ.268) рӯзгор ва осори устод Абдуллозодаро таҷассум кард.

Инак, менигарем ба ёдномаи Узви АИ Тоҷикистон Абдуқодир Маниёзов, ки таҳти унвони «Забоншинос ва устоди азиз» (дар маҷмӯаи мазкур) чоп шуда, дар тантанаи 100-солагии устод Абдуллозода ба даъватшудагон тақдим шуда буд.

Тибқи маълумоти А. Маниёзов соли 1948 аз тамоми мактабҳои Тоҷикистон аълочиёни синфҳои 9-ро интихоб карда, дар синфи 10-уми мактаби миёнаи маҳаллаи «Масҷиди сурх»-и шаҳри Хуҷанд шомили таълим кардаанд. Ҳама талабагони 4 синфи таҷрибавӣ, баъди хатми синфи 10 ба донишкадаҳо қабул шудаанд.

Шодравон Шавкат Ниёзов (собиқ сармуҳаррири «Овози тоҷик») низ боре гуфта будааст, ки он кас ҳам то синфи 9 дар мактаби ба номи Горкии Ӯротеппа хонда, синфи 10-ро дар ҳамон мактаби таҷрибавии Хуҷанд хатм кардаанд ва аксарияти ҳамсинфҳояшон одамони машҳур мебошанд. Яке аз онҳо Чӯянбой Зуннунови хуҷандӣ будааст, ки институтро хатм карда, то дараҷаи вазири зироат, мудири шуъбаи КМ ПК Тоҷикистон расидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки сарфи назар аз мақбул донистани қарору фармонҳои мухталиф оид ба таъсис додани мактабҳои соҳавии ихтисосӣ, мактабҳои миёнаи президентӣ, роҳ додан ба таълими пулакии «тайёрӣ» дар соҳаи маориф ва таълими олӣ, коррупсия ба миён омада, илмгирии ҷавонони болаёқатро маҳдуд кардааст.

Пас, таҷрибае, ки гӯшзад шуд, қобили мулоҳиза аст. Чунки ҳеч кадом аз чорабиниҳои ҳозира ҷойи таҷрибаи дар соли охирини таҳсилоти мактаби миёна талабагони болаёқатро интихоб карда, алоҳида таълим доданро нагирифт.

ШУМО ЗАБОНИ МОДАРИИ ХУДРО ЧАНД ФОИЗ МЕДОНЕД?

Аз рӯйи нақли А. Маниёзов «овозаи Рустам беҳ аз Рустам бувад», он кас таърифи Абдуллозодаро аз муаллими забон ва адабиёти мактабашон Юсуфӣ бисёр шунида, дар дилашон ҳаваси таҳсил намудан дар Институти педагогии Хуҷанд пайдо шудааст.

Ба гуфти эшон моҳи апрели соли 1948 бо роҳбарии Абдуллозода як гурӯҳ хатмкунандагони донишкада барои таҷрибаомӯзӣ ба он мактаб омада, дарси аввалро худи устод шурӯъ кардаанд ва аввалин сухане, ки дар ин машғулият гуфтаанд, суоли зерин будааст: «Шумо забони модарии худро чанд фоиз медонед?»

Талабагон гумон надоштанд, ки ягон вақт ҳамин суол пеш меояд. Масалан ман, – навиштаанд Маниёзов, – фикр кардам, ки тамоми он ҷиҳатҳоеро, ки барои забон, барои баён кардани матлаб лозим аст, медонам. Ягон ҷиҳати ман намедонистагӣ, гӯё ки нест, яъне забони модариамро 100 фоиз медонам... Азбаски дар партаи аввал ба муаллим чашм дӯхта менишастам, чашми муаллим ба ман афтод ва гуфтанд: «Канӣ, ту гӯй, чанд фоиз медонӣ?» Ман, ки ба ҷавоб тайёр будам, зуд ҷавоб додам: «75 фоиз!»

Муаллим як табассуми малеҳона карда, дар синф чанд бор қадам задаанду гуфтанд, ки «ман 30 сол ин ҷониб дарс медиҳам ва ба муаллимҳо ҳам дарс мегӯям. Ман агар забони модариамро 25 фоиз донам, худро хушбахттарин муаллим ҳисобида метавонам. Ту, ки акнун синфи 10-ро тамом мекунӣ, 75 фоиз донистанат амри муҳол аст. Ман андаке хиҷолат кашида, дар ҷоям нишастам. Муаллим дар идомаи сухан гуфтанд, ки забони модарии мо беҳад сарватманд аст. Барои ин сарватро аз худ кардан, онро донистан, рӯйи об баровардан ва таҳқиқ кардану ба мардум пешкаш кардан як умри инсон кифоят намекунад».

Баъд гуфтанд, ки барои пурсарват шудани захираи луғавӣ, кас бояд ҳар чӣ бештар китобҳои адабӣ ва илмӣ хонад, аз сарчашмаҳо ба калимаҳои нофаҳмо шарҳу эзоҳ кофта, ёбад.

Академик Зариф Раҷабов, яке аз дастпарварони аввали Донишгоҳи Осиёи Миёна, ки солҳо сарварии Институти таърих ва археологияи АФ Ӯзбекистон дар зиммаашон буд, дар мақолаи «Бо роҳи дониш» аз таърихи таъсиси «Дорулмуаллимин» (Тоҷикинпроси Тошканд) сухан ронда, номи се парастуи дурпарвози онро алоҳида таъкид кардаанд: «Соли 1925 дар Тошканд аввалин техникуми педагогии Тоҷикистон, ки Институти маорифи Тоҷикистон номида мешуд, ташкил карда шуд. Он дорои чор курси асосӣ ва се гурӯҳи тайёрӣ буд, барои мактабҳои Тоҷикистон муаллим тайёр мекард.

Институт аввал ба Комиссариати халқии Ӯзбекистон итоат мекард ва аз соли хониши 1926-27 ба ихтиёри Комиссариати маорифи халқии Республикаи автономии Тоҷикистон гузашт. Дар он омӯзгорони беҳтарини Тошканд кор мекарданд. Соли 1927 хатмкардагони аввалини ин институт, муаллимони бомаҳорат ба Тоҷикистон сафарбар шуданд. Байни толибилмон Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Файзулло Абдуллозода ва дигар олимону нависандагони минбаъда будаанд».

Бояд гуфт, ки Абдуллозода то замони инқилоб дар Хуҷанд шогирди мадраса, тайи солҳои 1918-19 талабаи мактаби ибтидоӣ буда, соли 1927 Дорулмуаллимини тоҷикии Тошкандро хатм карда, як сол дар ИДПЛ дарс додаанд. Соли 1932 шуъбаи шарқшиносии Университети давлатии Осиёи Миёнаро ба итмом расонида, дар аспирантураи Маскав таълим мегиранд ва дар таъсиси ИДПЛ саҳми арзанда мегузоранд. Солҳои 1932-35 дар вазифаи мудири қисми илмии институт фаъолият намуда, то охири умр дар ҳамин ҷо кор кардаанд.

ТАЪРИХИ ТАЪСИС ДОДАНИ ДАРСИ «ХОНИШИ АДАБӢ» ВА МУАЛЛИМИ ИН ФАН ТАЪИН ШУДАНИ МАҲМУДҶОН ВОҲИДОВ

Устоди донишманд Файзулло Абдуллозода хислатҳои аҷоиб доштанд. Ҳангоми рӯ ба рӯ омадан бо ягон лаҳзаи гуворо, масалан, вақти мутолиаи байти дилнишин гаҳе ангушт бо дандон мегазиданд ва ё «баҳ-баҳ!» мегуфтанд, беҳад маъқул бошад, ҳатман як лаҳза чашм пӯшида хомӯш мемонданд.

Назар ба нақли писарашон, дӯсти арҷмандам профессор Хуршед Абдуллозода, устод баъди шунидани овози марғуладори Маҳмудҷон Воҳидов дар театр сахт ба ҳаяҷон омада, чашмони худро сахт пӯшида, бо ду даст даҳонро маҳкам намудаанд, то ҳамин лаҳзаи гуворо дар тафаккурашон нақш бандад.

Аз ин воқеа чанд фурсат нагузашта, бо фармоиши ректор дар ИДПЛ дар барномаи таълимӣ дарси «Хониши адабӣ» ҷой мегирад ва ҳунарпешаи театри Хуҷанд Маҳмудҷон Воҳидов ба сифати аввалин муаллимии ин фан дар институт ба кор шурӯъ мекунад.

«ЯК ТОБУТ ИЛМ – ЗЕРИ ХОК»

Аз рӯйи нақли шоҳидон, ҷанозаи устод Абдуллозода (4.02.1966) дар Хуҷанд ниҳоят бодабдаба, серодам гузашта будааст.

Аҷаб он аст, ки дар ин мотам, ҳангоми ба хок супурдани маит яке аз шогирдони устод бо тамоми овоз фарёд задааст: «Сад дареғ! Як тобут илм зери хок шуд!»

Аз марг ҷойи гурез нест. Ҳама аз ин шароб нӯш мекунанд. Солҳо мегузаранд. Вале номи на ҳама дар ёди халқ ва дар таърих мемонад. Хушо, ки бо дастгирии аҳли фазли ДДХ ба номи академик Ғафуров кафедра ва китобхонаи ба номи Абдуллозода барпо шудааст.

...Бинои дорулмуаллимин дар фосилаи на чандон дур аз Хиёбони марказӣ, дар паҳлӯйи Донишгоҳи шарқшиносии Тошканд ҷой гирифтааст, ки нақшаш ҳанӯз барҷост, аммо, бидуни навиштае дар пештоқи он, ки «ТОҶИКИНПРОС» буд.

Маъруф ОТАХОНЗОДА,
Журналисти хизматнишондодаи Ӯзбекистон.

Ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик»

ҶАШНИ САДСОЛАГИИ РӮЗНОМА ДАР МАКТАБ

Чанд рӯз пеш дар мактаби таълими умумии рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд бахшида ба гиромидошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва 100-умин солгарди таъсиси рӯзномаи «Овози тоҷик» чорабинии адабӣ-фарҳангӣ баргузор гардид.



Тадбирро Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон ва Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон, омӯзгори ташаббускор Сулаймон Содиқов ифтитоҳ бахшид.

Дар бахши аввал донишомӯзони мактаб дар бораи рӯзгор ва осори Ҷалолиддини Румӣ маълумот дода, аз ашъори шоир ва аз ҳикоёти «Маснавии маънавӣ» намунаҳо қироат карданд.

Инчунин, бо иштироки хонандагони синфи ҳаштум ва нӯҳуми мактаб роҷеъ ба осори безаволи мутафаккири бузург ва шоири шӯхратёр саволу ҷавобҳо ташкил гардид.

Дар бахши дувуми чорабинӣ суханҳо дар бораи рӯзномаи маҳбуб ва маъруфи «Овози тоҷик», нақши он дар пойдории миллат, таҳкими муносибатҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек ва ҳимояи арзишҳои милливу фарҳангӣ рафт.

Муовини сармуҳаррири рӯзнома Тоҷибой Икромов, муҳаррири бахши адабиёт ва ҳунар, шоир Абдулло Субҳон, муҳаррири бахши иқтисод, шоир ва тарҷумон Муҳаммад Шодӣ ва дигарон дар бораи фаъолияти садсолаи рӯзнома, дирӯз ва имрӯзи кори таҳририят ҳарф зада, намунаҳо аз ашъори худ хондаанд.

– «Овози тоҷик» беш аз 100 сол инҷониб дар инъикоси ҳақиқати зиндагӣ ва рушду пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангии мамлакат, мустаҳкам намудани дӯстии байни миллатҳо хидмати мондагор мекунад, – гуфт Т. Икромов. – Албатта, дар пойдорӣ ва тӯли як аср чоп шудани рӯзнома муштариёни он низ нақши бориз доранд. Метавон гуфт, ки дар ин бобат омӯзгорони мактаби ҳамагонии рақами 9-уми деҳаи Навобод аз фаъолу пешқадамтаринҳо мебошанд, ки ҳамасола ба рӯзнома обуна шуда, онро дастгирӣ менамоянд. Фикр мекунам, ки дар баромадҳои ҷолиб, пурмӯҳтаво ва қироатҳои завқбахши имрӯзаи донишомӯзон низ рӯзнома нақши худро дорад. Бо эътимод гуфта метавонем, ки минбаъд низ робитаҳои ҳамкории рӯзномаву мактаб густариш меёбад ва теъдоди хонандагони рӯзнома боз ҳам меафзояд.

Рақсҳои милливу тоҷиконаи донишомӯзон зери савту оҳангҳои дилкаш чорабиниро шукӯҳи идона бахшид.

Ходимони рӯзнома ба китобхонаи мактаб китобҳои бадеӣ тӯҳфа карданд.

– Матбуот чун оинаи ҷамъият ва манбаи боэътимод дар инъикос намудани ислоҳоту тағйироти мамлакат мавқеи хоса дорад, – гуфт мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Умед Султонов. – Албатта, дар ин самт дар байни рӯзномаҳои ҷумҳурӣ «Овози тоҷик» мақоми худро соҳиб аст. Яке аз самтҳои Панҷ ташаббуси муҳим низ ба тарғиби мутолиа нигаронида шудааст. Мо ният дорем, ки ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ намуда, дар донишомӯзон маданияти мутолиаро ташаккул диҳем ва байни онҳо китобу рӯзномахониро тарғиб намоем.

Фаридун ЙӮЛДОШЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Вилояти ТОШКАНД.

Суратгир: Т. ХОВАРӢ.

27-октябр – Рӯзи интихобот

ИСЛОҲОТ ВА ДИГАРГУНИҲО ДАР НИЗОМИ ИНТИХОБОТ

Дар мамлакат маъракаи омодагӣ ба интихоботи вакилони халқ ба Палатаи қонунгузории Олий Мачлис ва Шӯроҳои маҳаллӣ идома дорад. Дар бисёр нишасту вохӯриҳо ба мушоҳида мерасад, на ҳама интихобкунандагон аз моҳият ва аҳамияти ислоҳоти марбут ба интихобот, ки дар Ӯзбекистон гузаронида шудаанд, ба хубӣ огоҳӣ доранд. Тасмим гирифтем, дар заминаи қонунҳои қабулгардидаи соҳа маълумоти мухтасар пешниҳод намоем.

Яке аз вазифаҳои устувори ислоҳот дар ҷараёни бунёди Ӯзбекистони Нав таъмини ҳуқуқи инсон мебошад. Барои таъмини фаъоли ҷараёнҳои демократӣ дар ҳаёт, иштироки фаъоли шаҳрвандон дар идораи ҷамъият ва давлат, ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандонро дар интихобот ҳарҷониба таъмин намудан зимни қабули таҳрири нав ба Конститутсия дигаргуниҳо ворид карда шудааст. Дар ин замина ба қонунҳои соҳаи интихобот ва райъпурсӣ низ зимни таҳрибаи ҳосилгардидаи интихоботӣ ва омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта ислоҳот ва дигаргуниҳои ба пешрафти ҷамъият хос ворид карда шудаанд.

Аввалан, ҳар шаҳрванди 18-сола новобаста аз аҳволи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, мансубияти миллӣ ва нажодӣ, ҷинс, забон, муносибат ба дин, навъу шакли машғулият ҳуқуқи интихоб кардан дорад. Ин ҳуқуқ дар маъракаҳои интихобот бо чорабинии ташкилӣ кафолат дода мешавад. Дар асоси қонуни шаҳрвандӣ шахси синнаш дар рӯзи интихобот ба 18 расида, ки дар қаламрави маҳаллии интихобот доимӣ ё муваққатӣ истиқомат мекунад, ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан дорад, ба рӯйихати интихобкунандагон ворид мешавад.

Шаҳрвандони Ӯзбекистон, ки рӯзи интихобот ба синни 18 расидаанд, ҳуқуқ доранд дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, намояндагони Палатаи қонунгузории Олий Мачлис ва Шӯроҳои маҳаллӣ иштирок намуда, мувофиқи иродаи худ овоз диҳанд.

Мувофиқи Конститутсияи таҳрири нав, ки пас аз мухокимаҳои бардавом зимни райъпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст, ба ҳафт қонун ва як кодекси ҷараёни интихобот иловаҳо ворид карда шуд.Тибқи қонунҳои нави конститутсионӣ интихобот ба Палатаи қонунгузории Олий Мачлис интихоботи омехта, яъне можаритар ва пропорсионал ҷорӣ карда шуд. Интихобот ба Палатаи қонунгузории Олий Мачлис бо усули омехта гузаронида мешавад. 75 нафар, яъне 50 фоизи депутатҳои палатаи поёнӣ бо усули можаритар (умумӣ) чун анъана интихоб мешаванд. 50 фоизи боқимонда, яъне 75 нафари дигар ба тариқи пропорсионал интихоб карда мешаванд. Пас ҳар як интихобкунанда дар интихобот тариқи ду бюллетен овоз медиҳад: яке ба шахси алоҳида ва дувумӣ ба ҳизби сиёсии дилхоҳ. Дар интихоботи пропорсионал интихобкунанда ба шахси алоҳида не, балки ба ҳизби сиёсӣ овоз медиҳад. Ин тарзи интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконияти бештари фаъолиятро дар парламент фаро меоварад.Ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи овозҳои гирифтаашон ба парламент намояндагони худро пешниҳод мекунанд.

Дар интихоботҳои гузашта аз 150 ҳавзаи интихоботӣ 150 нафар депутат ба Палатаи қонунгузории Олий Мачлис интихоб мегардид. Дар интихоботи ҷорӣ бошад, ба ҷойи 150 ҳавзаи интихоботӣ 75 ҳавза ташкил шудааст. Ба замми ин дар интихоботи можаритарӣ (умумӣ) барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ монеаҳо вуҷуд дошт. Агар номзадони пешбаринамудаи ҳизбҳои сиёсӣ аз 50 фоиз кам овоз мегирифтанд, овозҳиҳии такрорӣ сурат мегирифт ва он ташвиш ва хароҷоти иловагиро тақозо дошт. Чунончи, дар интихоботи соли 2019 дар 25 ҳавзаи интихоботӣ овоздиҳии такрорӣ сурат гирифта буд. Ҳазорҳо нафар шаҳрвандон ба овоздиҳии такрорӣ ҷалб карда мешуданд. Ҳамчунин, дар сурати холӣ шудани яке аз мандатҳо ва барои пур кардани ҷойи он дар ҳамон ҳавзаи интихоботӣ овоздиҳии такрорӣ сурат нагирифта, ҳизби сиёсӣ намояндаи худро ба мандати депутатӣ пешниҳод мекунад ба Палатаи қонунгузорӣ.

Мувофиқи қонунҳои нав дар шумораи мандатҳои депутатҳои Шӯроҳои вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ низ тағйирот ба миён омад. Акнун миқдори депутатҳои Шӯроҳои маҳаллӣ вобаста ба шумораи аҳолӣ муайян гардида, интихоб карда мешаванд. Шумораи депутатҳои вилоятиро Шӯрои депутатҳои вилоятӣ нисбати нуфуси шаҳрвандон муайян мекунад. Ҳудуде, ки аҳолиаш то 2 миллион нафар аст, 30-40 нафар, агар дар ҳудуд аз 2 то 3 миллион нафар аҳолӣ бошад, 40-50 нафар ва ҳудуде, ки аҳолиаш аз 3 миллион зиёд аст, 50-60 нафар депутат интихоб карда мешавад.

Медонем, ки то ин интихобот депутатҳо ба Шӯроҳои ноҳияӣ новобаста ба нуфуси аҳолӣ 30 нафар интихоб карда мешуд. Тибқи қонунгузориҳои нав миқдори дупутатҳои ноҳиявию шаҳрӣ низ мутобиқи нуфуси аҳолӣ интихоб карда мешаванд. Дар ҳудудҳое, ки аҳолӣ то 30 ҳазор нафар буду бош дорад аз 10 то 15 нафар, аз 30 000 то 100 000 нафар 15-20 нафар, аз 100 то 300 000 20-25 нафар, агар миқдори аҳолӣ аз 300 ҳазор нафар зиёд бошад, 25-30 нафар депутат мувофиқи қарори Шӯрои ноҳиявӣ ё шаҳрӣ интихоб карда мешавад.

Ҳамин тариқ мушоҳида мешавад, ки ҳавзаҳои интихоботӣ 50 фоиз кам гардидааст. Дар ин ҷараён хароҷот сарфа гардида, ташвиш ва ба қитъаҳои интихоботӣ такроран омадани шаҳрвандон пешгирӣ мешавад. Ин ҷо мо танҳо дар хусуси як ҷабҳаи ислоҳоти соҳаҳои интихобот сухан рондем. Дар асл ислоҳоти соҳа хеле фарогиранд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Акси садо

БА ҚАДРИ ДОШТАҲОИ ХУД РАСЕМ

Дар шумораи 80-уми рӯзномаи «Овози тоҷик» (№80, 5 октябри соли 2024) мақолаи «Бишнав сухани маро, ки панд аст...»-и рӯзноманигор Саодат Бекназарова чоп шуда буд. Муаллиф дар мақола доир ба нақши забон, мавқеъ ва аҳамияти он ҳарф зада, таъкид мекунад, ки «Забон дар тамоми давраҳои тараққиёти ҳаёти ҷамъиятӣ барои рушду камоли маърифату маънавиёти инсон нақши калон бозидааст ва имрӯз ҳам ин вазифаи боифтихорро бошарафона адо менамояд».

Воқеан, яке аз узвҳои муҳими инсон забон мебошад, ки тавассути он мо бо ҳам мулоқот мекунем, ҳамдигарро мефаҳмем.

Мутаассифона, аз ин воситаи муҳим базе шахсон бебаҳрааанду гурӯҳи дигар онро бо бадгӯиҳо олуда месозанд.

Рӯзе аз кор бармегаштам. Дар хиёбон тасодуфан ду духтарчаро дидам, ки бо якдигар бо имою ишора «суҳбат» мекарданд. Ба ҳолати ин духтарчаҳо дилам сӯхт. Аз байн чанд рӯз гузашту ҳолати дигареро шоҳид шудам. Дар хиёбон ду зан ҳамдигарро баланд-баланд таънаю маломат мекарданд. Суханҳои носазо мегуфтанд.

Ин ҳар ду ҳолат касро ба андеша водор месозад. Мо забони гӯё дорем, аммо ба қадри он намерасем, носазо мегӯем, дурӯғ ҳарф мезанем, ба ғайбат олуда мекунем. Лек дар ҷаҳон миллионҳо одамон ҳастанд, ки аз бахти сухан гуфтан ва шунидани ҳамсуҳбати худ бенасибанд.

Мо бандаҳо дар аксар маврид қадри тани солимамонро намедонем. Оё шарт аст, ки барои ин мо ҳатман бемор шавему арзиши азизтар будани тани солими худро бифаҳмем.

Шукри Худованд, ки дар давлати мо, барои чунин инсонҳои нуқсдор шароит фароҳам гардидааст. Ҷамъияти кар ва гунгҳо фаъолият намуда, барои таълиму тарбияи чунин шахсони ногиро шароити замонавӣ муҳайё карда шудааст. Баробари ин, марказҳои хусусие ҳастанд, ки дар он илм меомӯзанд. Мактабҳои махсус барои талабагони имконияташон маҳдуд амал карда, аз рӯи категорияшон онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд ва аз рӯи ҳамин тақсимот ба онҳо дарс мегузаранд.

Ин мисолҳоро беҳуда наовардам. Дар мақолаи номбурда низ порчае аз рӯзгори файласуфи Юнони Қадим Эзоп ба қалам шудааст, ки дар он забон чун беҳтарин ва бадтарин чизи дунё бо мисолҳои фаровон оварда шудааст.

Он моро водор менамояд, ки ба қадри доштаҳои худ бирасем. Бо забон суханони самимиву меҳрбор бигӯем, дониш андӯзем, бо он тӯҳмат накунем, дурӯғ нагӯем, калимаҳои зиштро истифода набарем. Дар бораи онҳое, ки нуқс доранд, носазо нагӯем ва ба онон бо чашми таҳқир нигоҳ накунем. Ҳамеша ба ҳамдигар меҳрубон бошем.

Ш. ЙӮЛДОШЕВА.

Варзиш

Дар Бухоро қувваозмоиҳо оиди ҷанги дастӣ байни ҷавонон ва наврасон поён ёфт. Дар ин мусобиқа аз 34 мамлакати ҷаҳон 327 нафар варзишгарон иштирок карданд.

ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ОИДИ ҶАНГИ ДАСТӢ

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин дар Бухоро бори дуюм баргузор гардид. Иштирокунандагони мусобиқа аз рӯйи 37 намуди вазн бо ҳам қувваозмоӣ намуданд.

Мувофиқи натиҷаҳои ниҳоӣ ҷойи аввал ба дастаи Ӯзбекистон, ҷойи дуюм ба ҷамоаи Қазоқистон ва ҷойи сеюм ба Қирғизистон насиб кард.

Голибон аз ҷониби раиси Федератсияи муҳорибаи дастии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ӯзбекистон – Гвардияи миллӣ Р.Ҷӯраев, президенти Федератсияи байналхалқии ҷанги дастӣ С. Астахов ва ҳокими вилояти Бухоро Б.Зарифов ба тарзи тантанавӣ ҳавасманд гардонида шуданд.

Ҷанги дастӣ шомили чемпионати Осиё гардида, ғолибони қувваозмоӣ соли оянда ҳуқуқи иштирок ба мусобиқаҳои Осиёро дар шаҳри Тошканд ба даст даровардаанд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Ҷамоаи «Овози тоҷик» нисбати вафоти собиқ мухбири рӯзнома дар вилояти Бухоро
Ислом ОРИФОВ
ба аҳли хонавода ва наздикони марҳум таъзияи амиқ изҳор менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 4182. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.